آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Овози тоҷик

Банӣ одам аъзои якдигаранд!

21 ноябри соли 2026 Шанбе № 93 (15312)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

МАРҲАЛАИ НАВИ РУШДИ ПАРКЕНТ: НОҲИЯЕ, КИ БА ПОЙТАХТ НАЗДИКТАР ШУДААСТ ВА МАҶМААҲОИ БУЗУРГИ САЙЁҲӢ

20 ноябр Президент Шавкат Мирзиёев ба ноҳияи Паркенти вилояти Тошканд ташриф оварда, бо лоиҳаҳои бузурге, ки инфрасохтори нақлиётӣ ва иқтидори сайёҳии минтақаро ба марҳалаи нав мебароранд, шинос шуд.



Сафар аз навгонии муҳиме, ки масофаи байни пойтахт ва ноҳияи кӯҳистонро наздиктар кардааст, оғоз ёфт: Президент аз шаҳри Тошканд бо қатораи замонавии баркӣ, ки нав роҳандозӣ шудааст, ба ноҳияи Паркент омад.

Мувофиқи қарори роҳбари давлат аз 27 январи соли 2025 «Дар бораи рушди минбаъдаи низоми нақлиётиву логистикии Ҷумҳурии Ӯзбекистон» бо мақсади пайвастани пойтахт бо ноҳияи Паркент хатти нави роҳи оҳани баркӣ сохта шуд. Аз моҳи сентябри соли ҷорӣ дар хатсайри Тошканд – Паркент ҳаракати қатораи баркӣ роҳандозӣ гардид.

Ин роҳи оҳан баробари таҳкими робитаҳои нақлиётӣ байни пойтахт ва Паркент, барои васеъ намудани имкониятҳои равуои аҳолӣ, баланд бардоштани ҷозибаи сайёҳии ноҳия, инчунин рушди соҳибкорӣ ва соҳаи хидматрасонӣ мусоидат мекунад.

Дар доираи лоиҳа бо харҷи 535,4 миллиард сӯм ба масофаи 24 километр хатти роҳи оҳани баркии Байткӯрғон – Паркент сохта шуд. Ҳамзамон, як истгоҳи нав, се пул, гузаргоҳи автомобилӣ, 77 иншооти обгузар ва 16 гузаргоҳи ҳамсатҳи роҳҳои автомобилгарду оҳан бунёд гардид.

Инчунин, ба масофаи 24 километр шабакаи алоқа ва хатти интиқоли неруи барқ сохта шуд. Дар натиҷаи татбиқсозии лоиҳа 40 ҷойи нави корӣ таъсис ёфт.

Дар хатсайри Тошканд – Паркент, ки масофаи умумии он 57,6 километрро ташкил медиҳад, қатораи муосири баркии «ЭПЗД», иборат аз шаш вагон ҳаракат мекунад. Қатора, ки 124 миллиард сӯм арзиш дорад, барои интиқоли 586 мусофир пешбинӣ шуда, бо суръати то 120 километр дар як соат ҳаракат менамояд.

Қатораи баркӣ масофаи байни Тошканд ва Паркентро дар 1 соату 13 дақиқа тай мекунад. Нархи роҳкиро 10 ҳазор сӯм муқаррар гардидааст, ки нисбат ба арзиши миёнаи хидматрасонии таксӣ дар ин масир 2,5 баробар арзонтар аст.

Дар хатсайри нав имкони интиқоли то 2 ҳазор мусофир дар як шабонарӯз ва 300 ҳазор мусофир дар як сол мавҷуд аст.

Дар қатораи баркӣ барои мусофирон шароити муосир фароҳам шудааст. Вагонҳо бо низоми назорати иқлим, курсиҳои бароҳат, нуқтаҳои қувватдиҳии USB ва шабакаи ройгони Wi-Fi таҷҳизонида шудаанд.

Барои шахсони маълӯл таҷҳизоти махсуси бардоранда ва ҷойҳои мутобиқшуда, инчунин таҷҳизоти интиқоли дучархаҳо, таблоҳои электронии иттилоотӣ насб шудаанд. Бо мақсади таъмини бехатарӣ низомҳои назорати видеоӣ ва фурӯбарандаи қувваи зарба ҳангоми бархӯрд пешбинӣ шудаанд.

Зимни сафар Президенти кишвар ба масъалаи истифодаи боз ҳам босамари иқтидори иқтисодии вилояти Тошканд таваҷҷуҳ зоҳир намуд. Бахусус, таъкид гардид, ки барои истифодаи оқилонаи захираҳои замин, таъмини амнияти озуқаворӣ, инчунин, на камтар аз ду баробар афзун намудани иқтидори соҳаҳои кишоварзӣ ва коркарди маҳсулот имкониятҳои васеъ мавҷуданд.

Саврари давлат зимни шиносоӣ бо истгоҳи нави роҳи оҳани Паркент ба масъулон ҷиҳати такмили минбаъдаи инфрасохтори роҳи оҳан, баланд бардоштани сифати хидматрасонӣ дар вокзалҳо, фароҳам овардани шароити хубу мусоид барои мусофирон, таъмини самарадории ҳаракати қатораҳо ва обод кардани минтақаҳои ҳамшафати роҳи оҳан супоришҳои дахлдор дод.

– Дар байни мардуми мо мақоле ҳаст, ки «Азоби роҳ...» мегӯянд. Мақсади мо аз роҳандозии ҳаракати қатора ба Паркент низ наздиктар кардани ноҳия ба шаҳр буд. Вақте азоби роҳ аз байн меравад, одамон метавонанд корҳои зиёдеро анҷом диҳанд. То ба роҳ мондани қатора рафтуомад ба Паркент чӣ қадар душвор буд. Ҳам ҳавои мусоиди Паркент ва ҳам маънавияту маърифат, ҳам меҳнатдӯстӣ ва фарҳанги муошират мардум ба худ хос аст, – гуфт Саврари давлат.

Баъдан, Президент Шавкат Мирзиёев бо маҷмаи истироҳатии оилавии «Silver Valley», воқеъ дар маҳаллаи Кумушкони ноҳияи Паркент шинос шуд.

Дар мамлакат ба рушди сайёҳӣ, густариши содироти хидматрасонӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ диққати махсус дода мешавад. Дар ин самт истифодаи босамари имкониятҳои табиии вилояти Тошканд, бахусус минтақаҳои кӯҳии он аҳамияти калон дорад.

Дар асоси қарори Саврари давлат аз 30 апрели соли 2026 «Дар бораи чорабиниҳои рушди босуръати инфрасохтори сайёҳӣ дар минтақаҳо ва ҷорӣ намудани низоми идоракунии лоиҳаҳо дар соҳа» дар ҷойҳо маҷмааҳои муосири сайёҳӣ бунёд мешаванд.

Маҷмаи истироҳатии оилавии «Silver Valley» низ яке аз чунин лоиҳаҳо мебошад. Он бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид баҳри истироҳати пурмазмун дар оғӯши табиат ва баланд бардоштани ҷозибаи сайёҳии минтақа сохта шудааст.

Маҷмаа 148,5 миллиард сӯм арзиши умумӣ дорад ва дар масоҳати 29,5 гектар ҷойгир шудааст. Дар доираи лоиҳа таъсиси 200 ҷойи нави корӣ дар назар аст.

Дар ин ҷо 12 хонаи истиқоматӣ бо услуби шале барои 120 нафар, бинои муосири қабул, тарабхона барои 300 нафар, 12 юрта-тарабхона бо 200 ҷойи нишаст, қаҳвахонаи ҳошиявӣ барои 100 нафар ва чор маҷмааи СПА бунёд гардидаанд.

Барои истироҳати пурмазмуни сайёҳон роҳрави “тафаккур”, минтақаҳои машқҳои варзишӣ (воркаут), аттраксионҳои зиплайн ва тюбинг, кинотеатри тобистона, инчунин майдончаи фароғатӣ бо 10 аттраксион ташкил карда шудааст.

Пас аз пурра ба кор шурӯъ кардан, маҷмаа метавонад дар як шабонарӯз то 2,7 ҳазор меҳмонро қабул кунад.

Саврари давлат зимни шиносоӣ бо шароити дар ин ҷо фароҳамшуда ва бунёдкориҳои анҷомёфта, пешниҳоди хидматрасониҳои сайёҳӣ дар заминаи маҳсулоти маҳаллӣ, дастгирии соҳибкорон ва афзун намудани шумораи чунин мавзеъҳои истироҳатиро дар дигар минтақаҳои кӯҳӣ таъкид намуд.

Президент ҳангоми суҳбат бо аҳолӣ ба он таваҷҷуҳ зоҳир намуд, ки бо беҳтар гардидани сатҳи зиндагӣ талаботи мардум ба истироҳати пурмазмун низ меафзояд.

– Даромади мардум афзуда, вазъи корашон рӯ ба беҳбудӣ оварад, онҳо аз пайи ҷустуҷӯи ҷойи муносиб барои истироҳат мешаванд. Агар дар Паркент чунин шароитро фароҳам оварем, оилаҳо бо фарзандони худ ин ҷо омада, истироҳат мекунанд. Агар сол то сол шумораи чунин мавзеъҳои сайёҳиро зиёд намоем, ба ин ҷо на танҳо аз Тошканд, балки аз тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ низ одамон меоянд, – гуфт Саврари давлат.

(Давомаш дар саҳ.2).

Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

ДУ ТАКЯГОҲИ ИҚТИСОДИЁТ: САМТҲОИ НАВИ РУШДИ СОҲАҲОИ СОХТМОН ВА САЙЁҲӢ МУАЙЯН ГАРДИДАНД

Президент Шавкат Мирзиёев дар ноҳияи Паркенти вилояти Тошканд бо сармоягузорон ва соҳибкорон бахшида ба масъалаҳои рушди саноати масолеҳи сохтмон ва сайёҳӣ мулоқот анҷом дод.

Чорабинӣ дар маҷмааи сайёҳии «Олтин бел»-и маҳаллаи Кумушкон баргузор гардид.

Саврари давлат таъкид намуд, ки як сол қабл вазифаи бунёди маҷмааи бузурги сайёҳӣ дар ин минтақа гузошта шуда буд. Дар натиҷаи фароҳам овардани имконият барои лоиҳакашон, сохтмончиён ва истеҳсолкунандагони маҳаллӣ дар муддати кӯтоҳ дар масоҳати 47 гектар мавзеи муосири истироҳатӣ бунёд гардид.

Маҷмаа дар як вақт метавонад ба 6 ҳазор нафар хидмат расонад. Дар ин ҷо таъсиси 600 ҷойи нави корӣ дар назар аст, 300 нафар мутахассис омода гардидааст. Аз корхонаҳои маҳаллӣ харидорӣ шудани 95 фоизи маҳсулоти корҳои сохтмон ва тачҳизонидан барои 20 фоиз арзон шудани арзиши аслии лоиҳа имкон дод.

Дар дигар минтақаҳо низ васеъ татбиқ намудани ин таҷриба зарур арзёбӣ шуд. Таъкид гардид, ки саноати масолеҳи сохтмон ва сайёҳӣ бояд ба соҳаҳои ҳамдигарро пуркунанда, барои якдигар имкониятҳои нав фароҳамоваранда табдил дода шаванд.

Дар мулоқот нахуст натиҷаҳое, ки дар саноати масолеҳи сохтмон ба даст омадаанд ва имкониятҳои мавҷуда таҳлил гардиданд.

Дар дах соли охир ба соҳа 12 миллиард доллар сармоя ворид гардида, беш аз 5 ҳазор корхонаи муосир ба фаъолият шурӯъ карданд. Соли ҷорӣ аз 7 триллион сӯми соли 2016 ба 65 триллион сӯм расонидани ҳаҷми истеҳсолот ва аз 75 миллион доллар ба 1,5 миллиард доллар бароварди содирот дар назар аст.

Корҳои васеи сохтмонӣ ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ки дар мамлакат амалӣ мешаванд, барои маҳсулоти маҳаллӣ бозори бузург фароҳам меоранд. Дар кишварҳои ҳамсоя ва минтақаҳои наздик низ талабот ба ин маҳсулот зиёд аст.

Гуфта шуд, ки тавассути афзун намудани истеҳсоли маҳсулоти дорои арзиши иловашудаи баланд, дастгирии корхонаҳои маҳаллӣ ҷиҳати роҳ ёфтан ба бозорҳои хориҷӣ ва тавсеаи имкониятҳои логистикӣ дар солҳои наздик ҳаҷми содироти соҳаро ба 5 миллиард доллар расонидан имконпазир аст.

Ғайр аз ин, баланд бардоштани сифат, тарроҳӣ ва рақобатпазирии маҳсулот ҳанӯз чун вазифаи муҳим боқӣ мемонад. Ҳоло дар мамлакат барои қонеъ кардани талаботи дохилӣ аз рӯйи 161 намуди масолеҳи сохтмон иқтидорҳои заруриро офарида шудаанд. Бо вуҷуди ин, ҳанӯз воридоти баъзе маҳсулот соле 780 миллион долларро ташкил медиҳад.

Аз ин рӯ, вазифа гузошта шуд, ки талаботи бозори дохилӣ дақиқ омӯхта шуда, дар асоси ҷалби технологияи муосир ва брендҳои байналмилалӣ иқтидорҳои нави истеҳсолӣ таъсис дода шаванд. Дар ин самт бо ширкати «Betek»-и Туркия шурӯъ гардидани сохтмони корхонаи истеҳсоли ранг ва лак дар ноҳияи Зангиато ба маблағи 30 миллион доллар гуфта шуд.

Ба масъалаи бо масолеҳи сохтмони истеҳсоли маҳаллӣ таъмин намудани лоиҳаҳои бузурги стратегӣ диққати махсус дода шуд. Аз ҷумла, барои сохтмони неругоҳи барқи атомии вилояти Ҷиззах масолеҳи сохтмон ба маблағи 2,2 миллиард доллар зарур аст.

Бо ин мақсад дар маҳаллаи Эгизбулоқ дар масоҳати 200 гектар минтақаи махсуси саноатӣ ташкил гардида, истеҳсоли 70 намуди маҳсулоти нав ба нақша гирифта шудааст. Ба масъулон супориш шуд, ки маҳсулоти ивазкунандаи воридот ва масолеҳеро, ки дар лоиҳаҳои бузург талаботи зиёд доранд, муайян намуда, татбиқсозии амалии лоиҳаҳоро ба маблағи умумии 20 миллиард доллар оғоз кунанд.

Инчунин, ҷиҳати ба роҳ мондани истеҳсоли намудҳои нави маҳсулоти дорои арзиши иловашудаи баланд ҷорабиниҳои ҷудо намудани захираҳои молиявии имтиёзнок ва қисман ҷуброн кардани хароҷоти корхонаҳо барои хариди таҷҳизоти камсарфи неруи барқ муайян гардиданд.

Имкониятҳои коркарди амиқи ашёи хом ва истифодаи босамари партов дар саноати сангҳои ороишӣ низ баррасӣ шуданд. Дар ин самт вазифа гузошта шуд, ки конҳои нав дар асоси тамоюли «партови сифрӣ» азхуд гардида, дар атрофи конҳои маҷмуда корхонаҳои коркард таъсис дода шаванд.

Саврари давлат ба масъалаҳои кам кардани арзиши аслии сохтмон ва истифодаи оқилонаи маблағҳои буҷет низ таваққуф кард. Дар баъзе минтақаҳо ба таври назаррас фарқ кардани арзиши сохтмони иншооти монанд ва боиси ин ҳолат гардидани миёнаравҳои зиёдатӣ ва борҳо тағйир додани ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавӣ танқид карда шуд.

Аз соли оянда дар сохтмонҳое, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷет амалӣ мегарданд, талаботи дар навбати аввал истифода намудани маҳсулоти маҳаллӣ ҷорӣ мешавад. Дар портали харидҳои давлатӣ барои истеҳсолкунандагони маҳаллӣ майдончаи махсуси савдо ташкил мегардад.

(Давомаш дар саҳ.2).

«ДАФТАРИ МЕҲР» – ИҚДОМИ ШОИСТАИ ДАСТГИРИИ ИҶТИМОИИ КӮДАКОН

Ҳифзи иҷтимоии кӯдакон, бахусус ятимон ва онҳое, ки аз парастории падару модар маҳрум мондаанд, яке аз самтҳои муҳими сиёсати иҷтимоии давлат ба шумор меравад. Дар ин замина, дар вилояти Бухоро низ ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон, фароҳам овардани шароити мусоиди зиндагиву таълим ва дастгирии онҳо тадбирҳои пайгирона амалӣ мегарданд. Аз ҷумла, барномаи «Дафтари меҳр» ба механизми муҳими дастгирии иҷтимоии чунин қишри ниёзманд табдил ёфтааст.

Ҳоло дар вилояти Бухоро 690 ҳазору 593 нафар кӯдаки ноболиғ зиндагӣ мекунанд. Аз ин шумора 383 нафар ятим ва наврасони то 23-солае мебошанд, ки аз парастории падару модар маҳрум мондаанд.

Пас аз таъсиси Агентии миллии ҳифзи иҷтимоӣ ваколати таъмини васӣ ва парастор барои кӯдакони ноболиғ ба зиммаи директорони марказҳои хидматрасонии иҷтимоии «Инсон» вогузор гардид. Ҳамзамон, дар маҳаллаҳо ҷорӣ шудани вазифаи кормандии иҷтимоӣ барои тақвияти фаъолияти ин марказҳо заминаи мусоид фароҳам оварда.

Бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои тарбияи ятимон ва кӯдакони бепарастор дар муҳити оила, низоми нави дастгирӣ роҳандозӣ гардид. Дар доираи он 25 хонаи оилавии кӯдакон ва як оилаи махсуси касбии парасторӣ таъсис ёфт.

Таваҷҷуҳ ба таҳсил ва касбомӯзии ин гурӯҳи кӯдакон низ яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти ниҳодҳои масъул мебошад. Дар ин муддат 109 нафар бо истифода аз имтиёз ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ дохил гардида, барои бо ҷойи кори муносиб таъмин намудани 10 нафар хатмкардаи мактабҳои олӣ мусоидат карда шуд. Танҳо дар соли ҷорӣ 39 нафар кӯдак аз имтиёзҳои пешбинишуда истифода бурда, донишҷӯ шудаанд.

Дастгирии моддии кӯдакон низ дар маркази таваҷҷуҳ қарор дорад. Ба муносибати Соли нав ба суратҳисобҳои шахсии ҳар яки 297 нафар кӯдак 500-долларӣ ва дар арафаи Иди Қурбон ба 307 нафар 200-долларӣ гузаронида шуд. Илова бар ин, дар се соли охир истироҳату фароғати қариб 90 нафар кӯдак дар осоишгоҳҳои тобистонаи солимгардонӣ аз ҳисоби давлат таъмин гардид.

Бояд гуфт, ки дар доираи хидматрасониҳои «Дафтари меҳр» як қатор самтҳои дастгирӣ пешбинӣ шудаанд. Аз ҷумла, пардохти харҷоти курсҳои омодагӣ барои дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ, омӯзиш барои гирифтани шаҳодатномаи ронандагӣ ва адои хизмати ҳарбӣ, таъмини сару либос, дастрас намудани асбобҳои мусиқӣ ва варзишӣ, табобати ғайриҷарроҳӣ, ҷудо кардани субсидия барои оғози фаъолияти соҳибкорӣ ва худмашғулӣ, пардохти маблағи шартномаи таҳсил, ҷиҳозонидани манзил, фарогирӣ бо касбу ҳунаромӯзӣ ва мусоидат ба шуғли ҷавонон аз ҳисоби маблағҳои пешбинишуда амалӣ мешаванд.

Маҳз дар доираи чунин иқдомот 202 нафар ба маҳфилҳои фаннӣ ва варзишӣ, 60 нафар ба курсҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва технологияҳои иттилоотӣ, 49 нафар ба омӯзиши касбу ҳунар ва санъат ҷалб карда шуданд.

Ҳамчунин, барои дастгирии иҷтимоии кӯдакон як қатор тадбирҳои амалӣ андешида шуданд. Аз ҷумла, харҷоти курсҳои омодагӣ ба дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ барои 6 нафар пардохт гардид. Ба 46 нафар барои гирифтани шаҳодатномаи ронандагӣ, ба 32 нафар барои адои хидмати ҳарбӣ ва ба 13 нафар барои пардохти маблағи шартномаи таҳсил кумак расонида шуд.

Бо мақсади рушди соҳибкорӣ ва худмашғулӣ ба 32 нафар тачҳизоти зарурӣ тақдим гардид. 71 нафар бо асбобҳои мусиқӣ ва ҳунарӣ, 123 нафар бо сару либос таъмин шуданд. Ҳамзамон, барои 95 нафар шароити муносиби манзил ва ҷиҳози зарурии рӯзгор фароҳам оварда шуд.

Барои татбиқсозии ин тадбирҳо аз ҷониби Агентии миллии ҳифзи иҷтимоӣ дар маҷмӯъ 1 миллиарду 713 миллион сӯм маблағ ҷудо гардид.

(Давомаш дар саҳ.2).

МАРҲАЛАИ НАВИ РУШДИ ПАРКЕНТ: НОҲИЯЕ, КИ БА ПОЙТАХТ НАЗДИКТАР ШУДААСТ ВА МАҶМААҲОИ БУЗУРГИ САЙЁҲӢ

(Аввалаш дар саҳ. 1).

Таъкид гардид, чунин лоиҳаҳо дар баробари рушди сайёҳӣ, барои фароҳам овардани шароити муносиб ҷиҳати истироҳати аҳолӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва густариши соҳибкории маҳаллӣ низ мусоидат мекунанд.

Сарвари давлат таъкид намуд, ки мақсади асосии дигаргуниҳое, ки дар мамлакат амалӣ мешаванд, таъмини манфиатҳои инсон ва ноил гардидан ба ризояти мардум аз зиндагӣ мебошад.

– Мақсади сафари имрӯзаи ман ба Паркент боз ҳам васеъ намудани имкониятҳои минтақа ва афзунсозии эътимоди сокинони Паркент ба дигаргуниҳо мебошад. Тамоми талошҳои мо ба он нигаронида шудаанд, ки ҳар як инсон аз зиндагии худ розӣ бошад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Инчунин гуфта шуд, ки набояд бо натиҷаҳои ноилшуда қаноат кард. Татбиқсозии ташаббусҳои нав, дар дилу тафаккури мардум ҷойгир кардани андешаи «агар ҳаракат кунем, имконпазир будааст» хеле зарур аст.

Доир ба таъмини шароити мусоид барои будубоши бештари меҳмонон дар минтақа, зиёд кардани намудҳои иловагии хидматрасонӣ ва истифодаи самарабахши инфрасохтори мавҷуда тавсияҳо дода шуданд.

Президент Шавкат Мирзиёев дар идомаи сафар ба ноҳияи Паркент бо шароите, ки дар маҷмааи сайёҳии «Олтин бел»-и маҳаллаи Қумушкон фароҳам гардидааст ва нақшаҳои рушди минбаъдаи он шинос шуд.

Солҳои охир ба рушди инфрасохтори сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳсори вилояти Тошканд, истифодаи босамари имкониятҳои табиӣ ва бунёди мавзеъҳои муосири истироҳатӣ диққати махсус дода мешавад.

Маҷмааи «Олтин бел»-и ноҳияи Паркент низ яке аз лоиҳаҳои бузурги ин самт буда, идомаи лоиҳаи «Kumushkon Resort» ба шумор меравад, ки соли 2025 бунёд гардидааст.

Ба маҷмаа, ки масоҳати умумии он 47 гектарро ташкил медиҳад, қариб 700 миллиард сӯм сармоя равона шудааст. Дар ин ҷо меҳмонхонаҳои муосир, хонаҳои истироҳатии сабки шале, тарабхонаҳо, иншооти варзишӣ ва фароғатӣ бунёд гардидаанд.

Бахусус, чор меҳмонхонаи панҷошёна ва 51 хонаи истироҳатии як ва дуошёна, ки ҳар кадом ҳавзи алоҳидаи шиновариҳ доранд, сохта шудаанд. Дар меҳмонхонаҳо ҳуҷраҳои тоифаҳои гуногун, шароити махсус барои шахсони маълӯл, минтақаҳои СПА ва дигар нуқтаҳои хидматрасонӣ ташкил гардидаанд.

Дар ҳудуди маҷмаа тарабхонаҳо барои 350 ва 700 нафар, фудкорти сеошёна, нуқтаҳои савдо, иншооти варзишии кушоду пӯшида, инчунин аквапарк дар майдони 2,2 ҳазор метри мураббаъ мавҷуд.

Барои фароғати пурмазмуни меҳмонон низ масканҳои гуногуни дилхушӣ ташкил шудаанд. Аз ҷумла, 14 намуди аттраксион, зиплайни 650-метра, пайраҳаҳои картинги гравитатсионӣ, роделбан, амфитеатри дорои 800 ҷойи нишаст, кӯли сунъӣ ва боғи ҳайвонот бунёд гардидаанд. Ҳамчунин, таваққуфгоҳ барои 1 ҳазору 100 автомобил ташкил карда шудааст.

Яке аз ҷиҳатҳои муҳими маҷмаа роҳандозии низоми омодасозии кадрҳои баландихтисос барои соҳаи сайёҳӣ мебошад. Дар маркази таълимие, ки бо ин мақсад таъсис ёфтааст, аз рӯйи самтҳои хидматрасонии меҳмонхона ва тарабхона машғулиятҳои амалӣ гузаронида мешаванд. Ҳоло Кумитаи сайёҳӣ ҷавонони бекори маҳаллаи Кумушконро ба омӯзиш фаро гирифта, то охири сол омода намудани 300 мутахассис ба нақша гирифта шудааст.

Бо мақсади ба сатҳи байналмилалӣ расонидани сифати хидматрасонӣ идоракунии меҳмонхонаҳо ба ширкати «Elite World»-и Туркия вогузор шудааст. Тавассути ҷалби ин ширкат, ки дар тиҷорати меҳмонхона таҷрибаи 46 сола дорад, ҷорӣ намудани стандартҳои муосири идоракунӣ, баланд бардоштани сифати хидматрасонӣ ва зиёд кардани ташрифи сайёҳони хориҷӣ дар назар аст.

Тибқи ҳисобу китоб, пас аз пурра ба кор шурӯъ кардани маҷмаа 600 ҷойи нави корӣ таъсис меёбад. Имкони хидматрасонӣ қариб ба 6 ҳазор нафар дар як шабонарӯз фароҳам гардида, ба 200 миллиард сӯм расидани даромади солона пешбинӣ мешавад.

Рушди соҳаи сайёҳӣ дар ноҳияи Паркент барои истифодаи бештару васеътар аз имкониятҳои мавҷуда замина фароҳам меорад. Дар муддати сипаришудаи соли ҷорӣ ба ноҳия 198,2 ҳазор сайёҳи хориҷӣ ва 1,4 миллион сайёҳи дохилӣ ташриф овардаанд. Ҳаҷми содироти хидматрасонии сайёҳӣ ба 81,1 миллион доллар расидааст.

Ташкили маҷмааҳои бузурге чун «Олтин бел» ба афзунсозии ҷозибаи сайёҳии Паркент, таъмини будубоши бештари сайёҳон дар минтақа, васеъ кардани намуди хидматрасониҳо ва офаридани манбаъҳои нави даромад барои аҳолии маҳаллӣ мусоидат мекунад.

Сарвари давлат бо шароити маҷмаа шинос шуда, ба масъалаҳои беҳтар кардани сифати хидматрасонии сайёҳӣ, истифодаи босамари инфрасохтори мавҷуда ва густариши минбаъдаи имкониятҳои сайёҳии минтақа таваҷҷуҳ зоҳир намуд.

Дар ҳамин ҷо ба Президент намоишгоҳи масолеҳи муосири сохтмон, ки дар корхонаҳои кишварамон истеҳсол мешаванд, муаррифӣ гардид.

Дар маҷмӯъ, сафари Сарвари давлат ба ноҳияи Паркент ва лоиҳаҳои бузурге, ки дар ин ҷо мавриди истифода қарор гирифтанд, ба иқтисодиёти минтақа нафаси тоза мебахшанд. Ҳамбастагии робитаҳои муосири нақлиётӣ ва маҷмааҳои сайёҳии мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ Паркентро на танҳо барои сокинони пойтахт, балки барои меҳмонони хориҷӣ низ ба яке аз маконҳои ҷолибтарини сайёҳӣ табдил дода, дар ниҳоят барои фаровонии рӯзгор ва ризоятмандии ҳазорон оила аз зиндагӣ хидмат мекунад.

Зиёдулло ҶОНИБЕКОВ,
Абдулазиз РУСТАМОВ,
Марҳабо ҲОҶИАКБАРОВА,
Абдулазиз МУСОЕВ,
хабарнигорони махсуси ӮзА.

САНОАТИ КИМИЁ ДАР ОСТОНАИ МАРҲИЛАИ НАВ

Сармоягузорӣ, технология ва дурнамои рушди иқтисодии вилояти Навоӣ

Дар ҷаҳони муосир рушди иқтисодиётро на танҳо ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшаванда, балки сатҳи истифодаи технологияҳои пешрафта, самаранокии энергетикӣ, рақобатпазирии маҳсулот ва қобилияти қонеъ гардонидани талаботи бозори дохилию хориҷӣ муайян мекунад. Маҳз бо ҳамин назардошти стратегӣ имрӯз дар Ӯзбекистон ба таъсиси корхонаҳои нави саноатӣ, ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ ва ташаккули занҷираҳои мукаммали истеҳсолӣ таваҷҷуҳи рӯзафзун зоҳир мегардад.
Вилояти Навоӣ, ки аз лиҳози захираҳои табиӣ, иқтидори саноатӣ ва имкониятҳои сармоягузорӣ яке аз минтақаҳои муҳими саноатии мамлакат ба шумор меравад, дар ин раванд мавқеи хос дорад. Солҳои охир дар ҳудуди он лоиҳаҳои бузурги саноатӣ амалӣ гардида, иқтидори истеҳсолӣ ва имкониятҳои иқтисодии минтақа тадриҷан густариш меёбанд. Бунёди корхонаи муосири истеҳсоли кислотаи сулфат дар ноҳияи Кармана низ аз ҷумлаи чунин иқдомҳои муҳим мебошад.

Тибқи иттилои Хадамоти иттилоотии ҳокимияти вилояти Навоӣ Комбинати металлҳои технологии Ӯзбекистон (ТМК) дар ноҳияи Кармана корхонаи муосири истеҳсоли кислотаи сулфатро таҳти унвони ТМК Chemicals бунёд менамояд. Арзиши умумии лоиҳа 54,5 миллион доллари ИМА-ро ташкил дода, он дар майдони шаш гектар амалӣ мегардад.

Ин рақамҳо, пеш аз ҳама, аз ҷалби сармояи назаррас ба иқтисодиёти минтақа ва фароҳам овардани заминаи нави истеҳсолӣ шаҳодат медиҳанд. Аммо аҳамияти лоиҳа танҳо бо ҳаҷми маблағгузорӣ маҳдуд намешавад. Муҳимтар аз ҳама, корхонаи нав бояд ба ташаккули як ҳалқаи муҳими истеҳсолии саноати кимиё, таъмини бозори дохилӣ бо ашёи зарурӣ ва баланд бардоштани иқтидори технологии минтақа мусоидат намояд.

Истеҳсоли маҳаллӣ – қадами муҳим дар роҳи истиқлоли саноатӣ

Кислотаи сулфат маҳсулоти муҳими саноати кимиё ба ҳисоб рафта, дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, аз ҷумла металлургия, коркарди маъдан, истеҳсоли нуриҳои минералӣ ва дигар равандҳои технологӣ истифода мешавад. Аз ин рӯ, дастрасии мунтазам ба чунин ашёи хом барои фаъолияти босуботи як қатор корхонаҳои саноатӣ аҳамияти калон дорад.

Корхонаи ТМК Chemicals дорои иқтидори истеҳсоли солонаи 500 ҳазор тонна кислотаи сулфати саноатии дорои дараҷаи баланди тозагӣ хоҳад буд. Ин нишондиҳанда аз миқёси бузурги истеҳсолот ва нақши эҳтимолии корхона дар таъмини эҳтиёҷоти саноати мамлакат дарак медиҳад.

Албатта, ба кор андохтани чунин иқтидори истеҳсолӣ танҳо дар сурате самараи воқеии иқтисодӣ хоҳад дод, ки маҳсулоти он ба талаботи стандартҳои сифат ҷавобгӯ буда, харҷоти истеҳсолӣ оқилона танзим ва бозори фурӯш боэътимод таъмин гардад. Аз ин ҷиҳат, лоиҳаи мазкурро метавон на танҳо ҳамчун бунёди як корхонаи нав, балки ҳамчун қадаме дар роҳи тақвияти заминаи моддию техникии саноати кимиёи кишвар арзёбӣ кард.

Энергияи дуюмдараҷа – манбаи иловагии самаранокӣ

Яке аз хусусиятҳои ҷолиби лоиҳа истифодаи оқилонаи захираҳои энергетикӣ мебошад. Дар замони имрӯза, ки масъалаи сарфаи неруи барқ ва истифодаи самаранокии манбаъҳои энергия ба яке аз вазифаҳои муҳими иқтисоди ҷаҳонӣ табдил ёфтааст, татбиқи чунин технология аҳамияти хос пайдо мекунад. Тибқи нақша, дар раванди истеҳсоли кислотаи сулфат гармии ҳосилшаванда дубора истифода гардида, тавассути он имкони истеҳсоли солонаи 152 миллион киловатт-соат неруи барқ фароҳам оварда мешавад.

Ин нишондиҳанда ҷолиби диққат аст. Зеро дар технологияи муосири саноатӣ гармии боқимонда на ҳамчун партови ногузир, балки ҳамчун манбаи эҳтимолии энергия арзёбӣ мегардад. Ба иборае дигар, истифодаи дубораи гармӣ имкон медиҳад, ки аз як раванди истеҳсолӣ на танҳо маҳсулоти асосӣ, балки неруи иловагии барқ низ ба даст оварда шавад. Чунин муносибат метавонад ба коҳиш ёфтани харҷоти энергетикӣ, баланд шудани самаранокии истеҳсолот ва истифодаи оқилонаи захираҳои мавҷуда мусоидат намояд.

240 ҷойи корӣ – имконияти нав барои аҳолӣ

Дар паси ҳар як лоиҳаи бузурги сармоягузорӣ на танҳо биноҳои нави таҷҳизоти замонавӣ, балки тақдири садҳо нафар одам, оила ва имкониятҳои нави иҷтимоӣ қарор доранд. Тибқи нақша, дар корхонаи ТМК Chemicals беш аз 240 ҷойи кори доимӣ таъсис дода мешавад. Барои ноҳияи Кармана, ки рушди саноат ва васеъ намудани имкониятҳои шуғли аҳолӣ аз масъалаҳои муҳими иҷтимоию иқтисодӣ ба шумор мераванд, ин иқдом аҳамияти назаррас дорад.

Таъсиси ҷойҳои нави корӣ ба баланд гардидани сатҳи шуғли аҳолӣ, афзоиши даромади оилаҳо ва беҳтар шудани шароити зиндагӣ мусоидат мекунад. Ҳамзамон, фаъолияти чунин корхонаҳо талаботро ба мутахассисони соҳаҳои муҳандисӣ, энергетика, кимиё, автоматика ва идоракунии истеҳсолот зиёд менамояд.

Дар ин замина, масъалаи омода намудани кадрҳои баландихтисос низ аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Зеро корхонаи муосири саноатӣ танҳо бо таҷҳизоти нав пеш намеравад. Барои идора кардани технологияҳои мураккаб мутахассисоне заруранд, ки донишҳои назариявиро бо малакаҳои амалии касбӣ пайваст карда тавонанд. Аз ин рӯ, ҳамкории корхона бо муассисаҳои таълимии касбӣ ва донишгоҳҳо, ташкили курсҳои бозомӯзӣ ва баланд бардоштани ихтисоси кормандон метавонад яке аз омилҳои муҳими муваффақияти лоиҳа гардад.

Роҳи оҳан – пайванди истеҳсолот бо бозор

Ҷиҳати дигари муҳими лоиҳа таъсиси инфрасохтори зарурии нақлиётӣ мебошад. Бо мақсади беҳтар намудани интиқол ва расонидани маҳсулот ба истеъмолкунандагон дар ҳудуди корхона сохтмони роҳи нави оҳан ба масофаи 2,5 километр пешбинӣ шудааст.

Дар истеҳсолоти бузурги саноатӣ нақлиёт ва логистика танҳо воситаи интиқоли бор нестанд. Онҳо ҷузъи муҳими низоми истеҳсолу таъминот ба шумор мераванд. Мавҷудияти роҳи оҳан имкон медиҳад, ки интиқоли миқдори зиёди ашёи хом ва маҳсулоти тайёр ба таври муназзам ба роҳ монда шуда, харҷоти нақлиётӣ ва вақти расонидани бор оптимизатсия гардад.

Бунёди чунин инфрасохтор, албатта, ба баланд шудани самаранокии фаъолияти корхона ва таҳкими робитаҳои он бо дигар субъектҳои саноатӣ мусоидат хоҳад кард.

Рушди саноат ва масъулияти экологӣ

Ҳар қадаре ки иқтидори саноатӣ афзоиш ёбад, ҳамон андоза масъалаи ҳифзи муҳити зист ва истифодаи масъулонаи захираҳои табиӣ аҳамияти бештар пайдо мекунад. Ин масъала махсусан барои вилояти Навоӣ, ки дорои иқтидори бузурги саноати кӯҳӣ, металлургӣ ва кимиё мебошад, мубрам аст. Истеҳсоли кислотаи сулфат аз ҷумлаи равандҳои мураккаби технологӣ буда, риояи меъёрҳои бехатарӣ, назорати партовҳои истеҳсолӣ ва пешгирии таъсири манфӣ ба муҳити зистро талаб менамояд.

Дар лоиҳаи ТМК Chemicals ба татбиқи технологияҳои муосир, автоматикунонии равандҳои истеҳсолӣ ва риояи принсипҳои ESG-экологӣ, иҷтимоӣ ва идоракунии корпоративӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардидааст.

Татбиқи меъёрҳои экологӣ бояд дар тамоми марҳилаҳои фаъолияти корхона – аз интихоби технология то истеҳсол, нигоҳдорӣ ва интиқоли маҳсулот таъмин карда шавад. Махсусан, назорати доимии партовҳои газ, истифодаи таҷҳизоти муосири тозакунӣ, пешгирии ифлосшавии обу хок ва риояи талаботи бехатарии меҳнат бояд аз самтҳои асосии фаъолияти корхона бошанд. Зеро рушди саноат танҳо дар он сурат метавонад пойдору устувор бошад, ки манфиатҳои иқтисодӣ бо ҳифзи саломатии инсон ва муҳити зист ҳамоҳанг гарданд.

Қадами нав дар роҳи таҳкими иқтидори саноатӣ

Имрӯз дар назди иқтисодиёти Ӯзбекистон вазифаҳои муҳими саноатикунонӣ, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти дорои арзиши иловашуда, густариши ҳамкориҳои истеҳсолӣ ва кам кардани вобастагӣ ба воридот қарор доранд. Дар ин раванд ҳар як лоиҳаи бузурги истеҳсолӣ метавонад ба ташаккули имкониятҳои нав мусоидат намояд.

Корхонаи ТМК Chemicals низ аз ҳамин ҷиҳат аҳамияти махсус дорад. Сармоягузории 54,5 миллион доллар, иқтидори истеҳсоли солонаи 500 ҳазор тонна кислотаи сулфат, таъсиси беш аз 240 ҷойи кори доимӣ, имкони истеҳсоли 152 миллион киловатт-соат неруи барқ ва бунёди инфрасохтори нави нақлиётӣ маҷмӯи нишондиҳандаҳое мебошанд, ки аз миқёси лоиҳа дарак медиҳанд.

Ӯзбакбойи РАҲМОН,
хабарнигори “Овози тоҷик”.
Вилояти НАВОӢ.

ДУ ТАКЯГОҲИ ИҚТИСОДИЁТ: САМТҲОИ НАВИ РУШДИ СОҲАҲОИ СОХТМОН ВА САЙЁҲӢ МУАЙЯН ГАРДИДАНД

(Аввалаш дар саҳ. 1).

Инчунин, барои соҳибкороне, ки дар Тошканди Нав корҳои сохтмон анҷом медиҳанд, хати кредити 200 миллион долларӣ ҷиҳати хариди масолеҳи маҳаллӣ боз карда мешавад.

Бо мақсади назорати сифати масолеҳи сохтмон ва ҳифзи аҳолӣ аз маҳсулоти хатарнок дар шаҳрҳои Тошканд, Фарғона ва Самарқанд се озмоишгоҳи муосири санҷишӣ таъсис меёбанд. Вазифаҳои трансформатсияи институтҳои лоиҳакашӣ, ҷорӣ намудани технологияи пешрафта дар сохтмон ва ҷалби сармоягузорони хусусӣ ба ин раванд низ муайян гардиданд.

Қисми минбаъдаи мулоқот ба масъалаҳои рушди сайёҳӣ, бехтар намудани сифати хидматрасонӣ ва ҷалби сармоя ба соҳа бахшида шуд.

Аз аввали соли ҷорӣ ба кишварамон 11,6 миллион сайёҳи хориҷӣ ташриф овардаанд. Дар ду соли охир муҳлати будубоши сайёҳоне, ки аз кишварҳои дури хориҷӣ меоянд, ба ҳисоби миёна аз 6,5 ба 8 рӯз расидааст. Ҳиссаи сайёҳони дорои қобилияти баланди пардохт аз 14 ба 21 фоиз ва харҷоти миёнаи ҳар як сайёҳ 21 фоиз афзудааст.

Президенти кишвар таъкид намуд, ки минбаъд дар соҳаи сайёҳӣ бояд якҷо бо шумораи сайёҳон, ба сифати хидматрасонӣ, фароҳам овардани шароит барои будубоши бештар ва зиёдтар харҷ кардани онҳо диққат карда шавад.

Бо ин мақсад чораҳои ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ дар соҳа васеъ мешаванд. Барои сохтмони меҳмонхона захираҳои молиявии имтиёзнок ҷудо гардида, имтиёзҳо аз рӯйи андозаи замин ва молу мулк то соли 2030 тамдид шудаанд. Барои ширкатҳои сайёҳӣ ва хидматрасонии нақлиёти сайёҳӣ низ имтиёзҳои иловагӣ ҷорӣ гардидаанд.

Дар доираи Стратегияи рушди сайёҳӣ, ки дар ояндаи наздик қабул хоҳад шуд, ба 20 миллион нафар расонидани шумораи сайёҳони хориҷӣ, ба 7 фоиз баровардани ҳиссаи соҳа дар иқтисодиёт ва ба 10 миллиард доллар расонидани содироти хидматрасонии сайёҳӣ чун мақсад муайян гардидааст.

Барои татбиқсозии лоиҳаҳои нави сармоягузорӣ дар минтақаҳо боз 5 ҳазор гектар замин омода карда мешавад. Инчунин, супориш шуд, ки дар давоми як моҳ ҷиҳати татбиқсозии лоиҳаҳои сайёҳии ба маблағи умумии 11 миллиард доллар таҳияшуда корҳои амалиро оғоз намоянд.

Гуфта шуд, ки нахустин Форуми байналмилалии сармоягузорӣ дар соҳаи сайёҳӣ, ки 25–27 ноябр дар шаҳри Тошканд баргузор мешавад, барои пешбурди лоиҳаҳои нав имконияти муҳим фароҳам меорад. Дар он иштироки беш аз 100 сармоягузори бузург аз зиёда аз 25 кишвар дар назар аст. Дар назди роҳбарони минтақаҳо вазифа гузошта шуд, ки дар доираи форум ба мувофиқаҳои мушаххаси сармоягузорӣ ноил гарданд.

Таъмини фаъолияти мавзеъҳои сайёҳӣ дар давоми сол, зиёд намудани хидматрасониҳои савдо ва фароғатӣ, инчунин истифодаи босамари инфрасохтори мавҷуда муҳим арзёбӣ гардид.

Ба баргузории мунтазами чорабиниҳои бузурги байналмилалӣ дар марказҳои конгрессӣ, меҳмонхона ва маҷмааҳои сайёҳии минтақаҳо низ диққати махсус дода шуд. Минбаъд ҳар як вазир барои дар кишвари мо баргузор намудани на камтар аз 3-4 чорабинии бузурги солонаи созмонҳои байналмилалӣ дар соҳаи худ масъул хоҳад буд. Ба Ҳукумат супориш шуд, ки дар ин самт нақшаи дусоларо тасдиқ намояд.

Дар доираи рушди самтҳои нави сайёҳӣ имкониятҳои роҳандозии хидматрасонӣ бо пуфаккҳои ҳавоӣ, параплан ва делтаплан баррасӣ шуданд. Вазифа гузошта шуд, ки ҷиҳати анҷом додани ин фаъолият тартиби гирифтани иҷозатро содда намуда, аз соли оянда дар ҳар як минтақа на камтар аз як адад чунин нуқтаи хизматрасонӣ ташкил карда шавад.

Ба масъалаи мутобиқ намудани ҳаракати нақлиёт ба мавзеъҳои сайёҳӣ бо назардошти талаботи сайёҳон низ таваҷҷуҳ зоҳир гардид. Гуфта шуд, ки вақти ҳаракати қатораҳо дар баъзе хатсайрҳо ба сайёҳон имкон намедиҳад, ки бо минтақа ба таври комил шинос шаванд. Ба масъулон супориш шуд, ки дар як моҳ ҷадвали ҳаракати қатора ва парвозҳои дохилиро аз нав баррасӣ намоянд.

Васеъ намудани ҷуғрофияи парвозҳои байналмилалӣ низ ба сифати вазифаи муҳим муайян гардид. Ҳоло аз Ӯзбекистон ба 102 шаҳри ҷаҳон парвозҳои мустақим мавҷуд. Дар ин самт оид ба ҷалби ширкатҳои ҳавопаймоии хориҷӣ ба хатсайрҳои нав, аз ҷумла истифодаи имкониятҳои «озодии панҷуми ҳавоӣ» дастурҳо дода шуданд.

Инчунин, чорабинии роҳандозии хидматрасониҳои пардохти мусоид барои сайёҳон, густариши ҳамгирой бо низомҳои байналмилалии пардохт ва зиёд намудани нуқтаҳои савдои сайёр дар мавзеъҳои сайёҳӣ муайян гардиданд.

Сарвари давлат ба масъалаи ҳавасмандгардонии мутахассисоне, ки дар соҳаи сайёҳӣ фидокорона фаъолият мекунанд, низ таваққуф намуд. Дар доираи ташаббуси таъсиси унвони фахрии «Корманди хизматнишондодаи сайёҳии Ҷумҳурии Ӯзбекистон» («Ӯзбекистон Республикасида хизмат кӯрсатган туризм ходими») пешниҳод гардид, ки кормандони дар рушди соҳа саҳми арзандагузошта дар арафаи ҷашни Истиқлол мукофотонида шаванд.

Дар анҷоми мулоқот Президент Шавкат Мирзиёев бо сармоягузорон ва соҳибкорон суҳбати ошкоро анҷом дода, фикру мулоҳиза ва пешниҳодҳои онҳоро шунид.

Бо ҳамин Сарвари давлат сафари худро ба ноҳияи Паркент анҷом дода, ба Тошканд баргашт.

Бо як сухан, мулоқоти кушод дар Паркент дар роҳи аз ду соҳаи алоҳида ба экономизоми ягонаи иқтисодии тақвиятбахшандаи ҳамдигар табдил додани саноати сохтмон ва сайёҳӣ, қадами муҳим гардид. Имтиёзҳои пешбинишуда, лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ ва навсозии инфрасохтор дар солҳои наздик на танҳо барои ба ҳаби масолеҳи сохтмони минтақа, балки ба яке аз маконҳои ҷолибтарини сайёҳии ҷаҳон табдил ёфтани Ӯзбекистон хидмат хоҳад кард.

Дар анҷоми мулоқот Президент Шавкат Мирзиёев бо сармоягузорон ва соҳибкорон суҳбати ошкоро анҷом дода, фикру мулоҳиза ва пешниҳодҳои онҳоро шунид.

Бо ҳамин, сафари Сарвари давлат ба ноҳияи Паркент анҷом ёфт.

Зиёдулло ҶОНИБЕКОВ,
хабарнигори ӮзА.

«ДАФТАРИ МЕҲР» – ИҚДОМИ ШОИСТАИ ДАСТГИРИИ ИҶТИМОИИ КӮДАКОН

(Аввалаш дар саҳ. 1).

Ҳамзамон, бо мақсади пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба кӯдакони ноболиғи ҷабрдида ва онҳое, ки ба содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ майл доранд, дар вилоят ду Маркази кумаки иҷтимоии иқтидорашон маҳдуд ба фаъолият оғоз карданд.

Яке аз масъалаҳои муҳими сиёсати ҳифзи иҷтимоии кӯдакон таъмини онҳо бо манзили муносиб мебошад. Дар солҳои 2024–2025 ҷамъ 48 нафар ятим ва кӯдаки аз парастории падару модар маҳрум бо манзили истиқоматӣ таъмин гардиданд. Бо ин мақсад аз ҷониби агентӣ 12 миллиард сӯм маблағ равона карда шуд.

Дар самти пешгирии зӯроварӣ нисбат ба кӯдакон низ тадбирҳои мушаххас амалӣ мешаванд. Аз ҷумла, тавассути платформаи «VIO.ihma.uz» то имрӯз 997 хабар дар бораи эҳтимоли мавҷудияти чунин ҳолатҳо ворид гардидааст. Ҳар яке аз ин хабарҳо аз ҷониби кормандони иҷтимоӣ дар маҳаллӣ зист мавриди омӯзиш қарор гирифта, вобаста ба вазъияти ошкоршуда чораҳои зарурӣ андешида шудаанд.

Тибқи натиҷаҳои санҷишу омӯзиш, дар 283 ҳолат нисбат ба кӯдакон зӯроварӣ ошкор гардидааст. Барои дастгирии ҷабрдидагон ва таъмини амнияти онҳо дар 251 ҳолат хидматрасонии равонӣ, дар 94 ҳолат кумаки ҳуқуқӣ, дар 26 ҳолат ҷойгиркунии алтернативӣ, дар 18 ҳолат хидматрасонии тиббӣ ва дар 12 ҳолат кумаки марбут ба соҳаи маориф расонида шудааст.

Баробари ин, барномаи «Ҳамроҳӣ бо ҷавонон» амалӣ мешавад, ки ҳадафи асосии он дастгирии ҳамаҷониба ва мусоидат ба рушди шахсию иҷтимоии ятимон ва кӯдакони бепарастор мебошад. Имсол низ дар доираи ин барнома бо назардошти шавқу рағбат, хоҳишу майли 383 нафар кӯдак нақшаҳои инфиродии рушд ва ҳамгироии иҷтимоӣ таҳия гардида, тадбирҳои зарурӣ амалӣ мешаванд.

Аз ҷумла, харҷоти иштироки 130 нафар дар маҳфилҳои фаннӣ ва варзишӣ, 27 нафар дар курсҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва технологияҳои иттилоотӣ, инчунин 42 нафар дар курсҳои санъату ҳунаромӯзӣ пардохт карда мешавад.

Баробари ин, барои пешгирии бепарастор ва беназорат мондани кӯдакони ноболиғ тадбирҳои иловагӣ андешида мешаванд. Тибқи нақша, 2310 нафар кӯдак ба васоят ва 818 нафар ба парасторӣ фаро гирифта хоҳанд шуд.

Ҳамзамон, 12 нафар кӯдаке, ки ҳоло дар хонаҳои оилавии кӯдакон тарбия мегиранд, ба оилаҳои худ, назди хешовандон ё ба оилаҳои хоҳишманди фарзандхонӣ, ки дар навбати қабул қарор доранд, баргардонида ё супорида хоҳанд шуд.

Дар ноҳияи Ғиждувон низ таъсис додани як оилаи касбии парасторӣ дар назар аст. Кӯдакони ноболиғе, ки мавриди зӯроварӣ қарор гирифтаанд, ба содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ майл доранд ё аз ҷониби падару модарашон рад шудаанд, ба ҷойи маркази кумаки ҳуқуқию иҷтимоии кӯдакони ноболиғи назди мақомоти корҳои дохилӣ ба Маркази кумаки иҷтимоии иқтидораш маҳдуд, ки дар ноҳияи Бухоро фаъолият мекунад, ҷойгир карда мешаванд. Пас аз анҷоми корҳои инфиродӣ бо кӯдакон ва падару модари онҳо барои бозгардонидани ноболиғон ба муҳити оила тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд.

Илова бар ин, имсол 26 нафар ятим ва кӯдаки аз парастории падару модар маҳруммонда, ки ба манзили истиқоматӣ эҳтиёҷ доранд, бо хона таъмин мешаванд. Ҳамзамон, то замоне ки мушкилоти ятимии иҷтимоӣ ва хатари аз фарзанд даст кашидани падару модар бартараф нагардад, будубоши оилаҳо дар «Хонаи модар» ва расонидани кумаки иҷтимоӣ ба онҳо идома хоҳад ёфт.

Дар маҷмӯъ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон, пешгирии ҳама гуна шаклҳои зӯроварӣ нисбат ба онҳо, сари вақт ошкор намудани чунин ҳолатҳо ва расонидани хидматрасониҳои зарурии иҷтимоӣ ба ҷабрдидагон аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарини ҷомеа ва давлат ба шумор меравад. Зеро ҳар як кӯдак, новобаста аз вазъи иҷтимоии оила ва шароити зиндагӣ, бояд аз муҳити солими тарбия, имкониятҳои баробар барои таҳсилу камол ва оянди шоиста бархӯрдор бошад.

«Дафтари меҳр» маҳз ба ҳамин ҳадафи наҷиб – дастгирии кӯдакони ниёзманд, ҳифзи манфиатҳои онҳо ва фароҳам овардани шароити муносиб барои зиндагии мустақилона равона гардидааст.

Зарнигор НАФИДДИНОВА,
роҳбари хадамоти матбуоти Садорати Агентии миллии ҳифзи иҷтимоии Ӯзбекистон дар вилояти Бухоро.

ПОЯИ СУЛҲУ СУБОТ, ВАҲДАТ ВА ҲАМЗИСТӢ

Таҳаммулпазирӣ аз арзишҳои олии инсоният, нишонаи фарҳанги волои маънавӣ ва хиради инсонӣ, инчунин заминаи асосии пойдории сулҳу субот дар ҷомеа аст. Он пеш аз ҳама эҳтиром ба инсон, эътирофи ҳуқуқу озодиҳои ӯ, арҷгузорӣ ба забон, фарҳанг, расму оин, эътиқод ва арзишҳои миллии халқҳои гуногунро фаро мегирад.

Дар ҷаҳони муосир, ки равандҳои ҷаҳонишавӣ, бархӯрдҳои фарҳангӣ ва дигаргуниҳои иҷтимоӣ рӯз ба рӯз густариш меёбанд, таҳкими таҳаммулпазирӣ аҳаммияти махсус касб мекунад. Сулҳи пойдор на танҳо бо набудани низоъ, балки бо мавҷудияти эҳтиром, адолат, баробарҳуқуқӣ ва ҳамзистии осоиштаи намояндагони миллату халқиятҳои гуногун таъмин мегардад.

Ўзбекистон ҳамчун давлати сермиллат дар сиёсати давлатӣ ба масъалаҳои таҳкими дӯстии байни миллатҳо, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон, эҳтироми арзишҳои миллӣ ва таъмин кардани ҳамдигарфаҳмии намояндагони миллату халқиятҳои гуногун таваҷҷуҳи хос зоҳир менамояд.

Дар асоси ғояҳои Конститутсия ҳамаи шаҳрвандон, новобаста аз миллат, забон, дин, эътиқод, вазъи иҷтимоӣ ва ғайра, дар назди қонун баробаранд. Ин меъёри муҳими ҳуқуқӣ барои ташаккули ҷомеаи муттаҳид, адолатпарвар ва таҳаммулпазир замина фароҳам меоварад.

Дар шароити кунунии Ўзбекистони Нав сиёсати таҳкими муҳити дӯстӣ, ҳамбастагӣ ва ҳамдигарфаҳмии байни миллатҳо аз самтҳои муҳимми рушди ҷомеа аст. Дар доираи ин сиёсат ба ҳифзи мероси таърихию фарҳангии халқҳо, фароҳам овардани шароит барои рушди забонҳои миллӣ, эҳёи анъанаҳои мардумӣ ва густариши робитаҳои фарҳангӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад.

Мазмун ва ҳадафи ин сиёсат дар он ифода меёбад, ки ҳар як шаҳрванд худро узви комилҳуқуқи ҷомеа эҳсос намуда, аз забон, фарҳанг ва суннатҳои миллии худ ифтихор кунад, ҳамзамон ба арзишҳои миллии дигар халқҳо эҳтиром гузорад.

Нақши марказҳои миллӣ-фарҳангӣ дар таҳкими таҳаммулпазирӣ

Яке аз самтҳои муҳимми сиёсати миллии Ўзбекистон фаъолияти марказҳои миллӣ-фарҳангӣ мебошад. Ин марказҳо ҳамчун ниҳодҳои ҷамъиятӣ дар ҳифзу эҳё кардан ва рушди забон, фарҳанг, адабиёт, санъат, урфу одат ва анъанаҳои халқҳои гуногуни кишвар саҳми арзанда мегузоранд.

Марказҳо на танҳо макони гиромидошти арзишҳои миллӣ, балки минбари дӯстӣ, муколамаи фарҳангӣ, ҳамкории байни миллатҳо ва тарбияи насли наврас дар рӯҳияи эҳтирому ҳамдигарфаҳмӣ мебошанд.

Ҳар як маркази миллӣ дар доираи имкониятҳои худ барои ҳифзи мероси маънавии халқи худ, баргузор намудани ҷашнҳои миллӣ, маҳфилҳои адабӣ, барномаҳои фарҳангӣ, намоиши ҳунарҳои мардумӣ ва чорабиниҳои маърифатӣ кор мебарад.

Дар ин замина, баргузории рӯзҳои фарҳанги халқҳо, фестивалҳои дӯстӣ, ҳамоишҳои илмӣ, маҳфилҳои шеъру адаб ва вохӯриҳои намояндагони миллатҳои гуногун ба таҳкими риштаҳои дӯстӣ мусоидат мекунад.

Таҳаммулпазирӣ – мактаби тарбияи насли худогоҳ

Тарбияи насли ҷавон дар рӯҳияи таҳаммулпазирӣ, ватандӯстӣ, инсондӯстӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ аз вазифаҳои муҳимми ҷомеаи муосир мебошад. Мактаб, муассисаҳои таълимӣ, китобхонаҳо, марказҳои фарҳангӣ, воситаҳои ахбори омма ва оила бояд дар ташаккули чунин ҷаҳонбинӣ фаъол бошанд.

Ҷавонон бояд дарк кунанд, ки эҳтиром ба забон ва фарҳанги дигарон аз худшиносии миллӣ сарчашма мегирад. Шахсе, ки ба забону фарҳанги модарии худ арҷ мегузорад, бояд ба забону фарҳанги дигар халқҳо низ бо эҳтиром муносибат кунад. Маҳз тавассути таълим, маърифат, мутолиаи адабиёти бадеӣ, омӯзиши таърих ва шиносоӣ бо фарҳанги халқҳои гуногун дар зеҳни ҷавонон метавон ҳисси ҳамдигарфаҳмӣ ва масъулияти шаҳрвандиро тақвият бахшид.

Таҳаммулпазирӣ ҳамчунин тақозо мекунад, ки мо нисбат ба ҳар гуна хурофот, таассуб, бадбинии миллӣ ва безэҳтиромӣ ба арзишҳои дигарон мавқеи устувори маънавӣ дошта бошем.

Таҳаммулпазирӣ – марому мақсади марказҳо

Дар миёни марказҳои миллӣ-фарҳангии кишвар марказҳои тоҷикон низ ҷойгоҳи хос доранд. Тоҷикон низ ҳамчун яке аз халқҳои бумии минтақа дорои таърихи қадима, забони ширину ғанӣ, адабиёти оламшумул, фарҳанги воло ва анъанаҳои неки инсонпарварона мебошанд.

Дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек бошад, решаҳои амиқи таърихӣ дорад. Ин ду халқ дар тӯли асрҳо ҳамсоя, ҳамқисмат, ҳамфарҳанг ва ҳамзист буда, дар соҳаҳои илму адаб, санъат, ҳунармандӣ, тиҷорат ва зиндагии рӯзмарра робитаҳои мустаҳкам барқарор намудаанд. Имрӯз низ ин дӯстӣ ҳамчун арзиши муҳими ҷомеаи сермиллати Ўзбекистон идома дорад.

Фаъолияти марказҳои миллӣ-фарҳангии тоҷикони вилоят, аз ҷумла, дар шаҳри Тирмиз ва ноҳияҳои Деҳнав, Олтинсой, Сариосиё, Узун ва Бойсун аҳаммияти муҳим дорад. Ин марказҳо метавонанд бо баргузории чорабиниҳои муштарак, маҳфилҳои адабӣ, озмунҳои забондонӣ, мулоқот бо аҳли илму адаб ва тарғиби осори ниёгон дар тарбияи маънавии ҷавонон саҳми бештар гузоранд.

Дар ин ҷода, ба муносибати зодрӯзи сардафтари адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ, ки намояндаи бузурги адабиёти муосири ӯзбек низ маҳсуб меёбад, бо саҳму ибтикори Маркази миллӣ-фарҳангии ноҳияи Деҳнав, ки роҳбарии онро Шерзод Саидов дар уҳда дорад, ҳамоиши бонуфузи илмию фарҳангӣ баргузор гардид.

Дар ҳамоиш шоиру нависандагони маҳаллӣ, аҳли фарҳанг, аъзои марказҳои гуногуни вилоят ва фаъолони ҳокимияти маҳаллӣ фаъолона ширкат варзиданд. Ҳамоиш дар рӯҳияи эҳтирому арҷгузорӣ ба устод ва мероси адабии ӯ баргузор шуд.

Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони ноҳияи Олтинсой моҳи майи соли ҷорӣ иқдоми некеро амалӣ намуд. Дар толори мактаби мусиқии рақами 18-уми ноҳия бо ташаббуси намояндагони марказ ҷашнворае бо номи «Садои дӯстӣ» баргузор гардид. Дар он ҳаёт ва фаъолияти се тан шоири зуллисонайн, Муҳаммадрӯзии Ғанизод, Шукруллоҳи Сироҷ, Ҳамрози Ҳалвоӣ ва ҳофизи шинохтаи диёр Тоҳирҷон Зокиров мавриди баррасӣ қарор гирифт. Инчунин, дар мактабҳои тоҷикии рақами 9, 32, 41, 53 ва 60 низ як қатор чорабиниҳои фарҳангӣ дар фазои дӯстиву якдилӣ баргузор шуданд.

Дар ин раванд Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони ноҳияи Узун низ бетараф набуд. Дар ин ҷо низ як қатор чорабиниҳои фарҳангӣ баргузор гардиданд, ки бешубҳа, нишонаи ҳамҷиҳатӣ ва таҳаммулпазирист. Бахусус, муаррифии китоби шоираи ширинбаён Ӯғулой Ҷӯрабоева бо номи «Номаи ифтихор» ва таҷлили 70-солагии омӯзгор Бобораҳим Мирзоев ба меҳмонон ва аҳли фарҳанги ҷамъомад хеле писанд омад.

Моҳи май Фестивали XIII байналмилалии «Бойсун баҳори» дар маҳаллаи Бибиширини ноҳияи Бойсун баргузор шуд. Дар он гурӯҳҳои фолклории Ӯзбекистон ва кишварҳои хориҷӣ иштирок намуданд. Ғояи асосии фестивал танҳо таҷлили баҳор набуда, балки тантанаи таърихи нотакрори ҳазорсола, хотираи халқ, худшиносии миллӣ, мероси маънавӣ ва дӯстии халқҳо буд.

Инчунин, таҷлили 100-солагии иштирокчии Ҷанги дуюми ҷаҳон Ҳамид Карим ва 60-солагии омӯзгори эҷодкор, узви Академияи байналмилалии адабиёт, санъат ва фанҳои иҷтимоӣ Карокатулло Каримов бо иштироки намояндагони миллатҳои гуногун баргузор гардид, намунаи олии таҳаммулпазирӣ ва рамзи дӯстии халқҳо буд.

Дар мактабҳои тоҷикии ноҳияи Сариосиё бошад, чорабиниҳои фарҳангӣ ҳамеша дар фазои дӯстӣ, арҷгузорӣ ва таҳаммулпазирӣ бошукӯҳ баргузор мегарданд. Дар ин самт мактабҳои рақами 7, 9, 12, 29, 38, 68, 51, 72, 80 ва 82 намунаи ибратанд. Ҳар яки ин чорабиниҳо хонандагонро дар рӯҳияи дӯстиву рафоқат, ҳамзистӣ, ватандӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ тарбия мекунад. Ҳангоми иштирок мо шоҳиди он гардидем, ки дастпарварони ин мактабҳо аллакай мазмун ва моҳияти чунин чорабиниҳо ва ғояҳои тарғибшавандаро хуб дарк кардаанд.

Бигузор, дар сарзамини азизи мо ҳамеша сулҳу субот, дӯстии халқҳо ва эҳтироми мутақобила пойдор бошад ва марказҳои миллӣ-фарҳангӣ минбаъд низ ҳамчун пулҳои дӯстӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамбастагӣ хидмат намуда, дар ҳифзи мероси маънавии халқҳо ва таҳкими вахдати ҷомеа саҳми арзандаи худро гузоранд.

Шавкат АБДУРАҲМОНОВ,
раиси Маркази милливу фарҳангии тоҷикони ноҳияи Олтинсойи вилояти Сурхондарё.

Дар шумораи гузаштаи рӯзномаамон дар бораи идома доштани Ҳафтаи таҳаммулпазирӣ дар кишварамон хабар дода будем. Чанде пеш маҳфили адабӣ-маърифатие, ки бо ибтикори Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони шаҳри Тошканд «Ориёно» ба муносибати ин сана баргузор гардид, ба ҷашни воқеии дӯстиву рафоқати халқҳо табдил ёфт.

ТАҲАММУЛПАЗИРӢ АЗ ЭҲТИРОМИ ҲАМДИГАР ОҒОЗ МЕГАРДАД



Раиси Маркази фарҳангӣ-миллии тоҷикони шаҳри Тошканд «Ориёно» – Т. Икромов зимни суханронӣ таъкид намуд, ки таҳаммулпазирӣ яке аз арзишҳои деринаи мардуми мо мебошад. Дар ин сарзамин халқҳои тоҷику ӯзбеку қазоқу қирғиз, туркману қароқалпоқ ва намояндагони миллату динҳои гуногун дар фазои сулҳу осоиш, эҳтироми ҳамдигар умр ба сар мебаранд, ки ин намунаи барҷастаи таҳаммулпазирӣ мебошад.

– Имрӯз дар бисёр кишварҳои ҷаҳон вазъи нооороми сиёсӣ ҳукмфармост. Осмони Ватани мо бошад, софу беғубор аст. Намояндагони миллатҳои гуногун дар ин ҷо дар сулҳу амонӣ зиндагӣ мекунанд. Барои ин неъмати бебаҳо ба Роҳбари давлатамон самимона изҳори сипос менамоем, – гуфт меҳмони маҳфил, раиси Маркази фарҳанги миллии қирғизҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон Раҳматулло Ҷапаров. – Таҳаммулпазирӣ танҳо бо эҳтироми ҳамдигар маҳдуд намешавад. Он ҳамчунин меҳнати дастҷамъонаи намояндагони миллатҳои гуногун, муносибатҳои неки ҳамсоягӣ, тарбияи фарзандон ва муттаҳид гардидан дар роҳи татбиқи ҳадафҳои муштаракро дар бар мегирад.

– Арзиши таҳаммулпазирӣ дар Ӯзбекистон падидаи нав нест. Он аз қадимулайём дар таърихи чандинҳазорсолаи халқ, расму оин ва ҳаёти маънавии мардуми мо ҷойгоҳи хос дорад, – гуфт раиси Маркази фарҳанги миллии қазоҳҳои шаҳри Тошканд Бақтиёр Темирбеков, – бинобар дар чорроҳаи Роҳи бузурги абрешим ҷойгир будани ин сарзамин ҳамчун маконе эътироф мешавад, ки халқ, дин ва фарҳангҳои гуногунро ба ҳам мепайвандад.

Нависанда Юнуси Имомназар иштирокдорони ҷамъомадро ба муносибати Рӯзи таҳаммулпазирӣ ва 35-солагии қабули Парчами давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон самимона табрик намуда, китоби тарҷумаи форсии романи нахустини адабиёти ӯзбек «Рӯзгори гузашта» ва китоби ёддоштии «Аз бурҷи Дубай то Оромгоҳи Рӯдакӣ»-и худро ба Маркази фарҳанги миллии тоҷикони шаҳри Тошканд – «Ориёно» ҳамчун туҳфа тақдим намуд.

Сурудҳои дилнишини намояндагони дастаи халқии фолклорӣ-этнографии “Бувиҷонлар”-и хонаи маданияти ноҳияи Мирободи шаҳри Тошканд – Хосият Бобомуродова ва Олия Аҳмадҷонова ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ хотири аҳли маҳфилро болида сохт.

Набия НОДИРОВА,
хабарнигори “Овози тоҷик”.

ТАРҶУМАИ «РӮЗГОРИ ГУЗАШТА» – ҚАДАМИ МУҲИМ ДАР ГУСТАРИШИ РОБИТАҲОИ АДАБӢ

Дар нишасти фарҳангиву адабие,ки бо иштироки пажӯҳишгарон, адибон, тарҷумонҳо, намояндагони ниҳодҳои фарҳангӣ ва масъулони «Боғи китоб» (Эрон) дар Хона-музейи Абдулло Қодирии шаҳри Тошканд баргузор шуд, ҳусну қубҳи тарҷумаи романи машҳури Абдулло Қодирӣ «Рӯзгори гузашта» («Ўткан кунлар») ба забони форсӣ ва нақши он дар таҳкими робитаҳои адабии Ӯзбекистону Эрон баррасӣ гардид.

Дар ҳамоиш Хондамир Қодирӣ – директори Хона-музейи Абдулло Қодирӣ, доктор Ҳасан Сафархонӣ – ройзани фарҳангии сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Ӯзбекистон, Муҳаммадҷавод Гулзор – мудири нашриёти «Нахли сабз» ва муассисаи байналмилалии «Мисбоҳ», сардабири нашрияи «Дипломатияи китоб», Ҳомид Деҳқонии Фирӯзободӣ – пажӯҳишгар ва дабири илмии маҷмӯаи илмӣ, фарҳангӣ ва сайёҳии «Боғи китоб», Сомон Толибзода – мутарҷим ва корманди сафорати Эрон дар Тошканд, Рисолат Ҳайдарова – мудири шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ ва тарҷумаи бадеии Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон, инчунин гурӯҳе аз адибон, аз ҷумла Тӯхтамиш Тӯхтаев ва Абдулло Субҳон суханронӣ карданд.

Юнус Имомназар, ки тарҷумаи форсии роман ба қалами ӯ тааллуқ дорад, дар бораи таърихи тарҷума ва нашри ин асар маълумот дод. Ба гуфтаи ӯ, тақрибан ду сол пеш аз сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон пешниҳод карданд, ки чанд саҳифаи романро ба форсӣ тарҷума кунад.

Пас аз тарҷума ва пешниҳоди намунаи аввалин, ки тақрибан 15 саҳифаро дар бар мегирифт, ба сифати кор баҳои мусбат дода шуд ва тарҷумаи пурраи роман пешниҳод гардид. Юнус Имомназар дар муддати панҷ моҳ тарҷумаи форсии асарро ба анҷом расонд.

Бояд гуфт, ки романи мазкур бо номи «Рӯзгори мозӣ» аз тарафи тарҷумон Истад Қосимзода ба хати кириллии забони тоҷикӣ чанде қабл ба табъ расидааст.

Баромадкунандагон таъкид намуданд, ки дар шароити имрӯза бояд осори адибони ду кишвар бештар тарҷума ва нашр шаванд. Ин иқдом на танҳо барои ошноии бештари хонандагон бо мероси адабии адибони якдигар, балки барои таҳкими дӯстӣ, ҳамдигарфаҳмӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Дилнозаи ДОНИЁР,
хабарнигори “Овози тоҷик”.



Дар маҷмуаи сайёҳии “Каркидон”-и ноҳияи Қуваи вилояти Фарғона дар доираи лоиҳаи умумимиллии “Макони сабз” “Боғи дӯстӣ” ташкил гардид. Ин боғи нав дар оянда на танҳо ҳамчун маскани истироҳатӣ, балки ба ҳудуди рамзии тараннуми ғояҳои осоиштагӣ ва таҳаммулпазирӣ табдил ёфта, барои дар атрофи як мақсад ҷамъ овардани миллатҳои гуногун хидмат хоҳад кард.

Хидмати матбуоти ҳокимияти вилояти Фарғона.

ТАБИАТ МЕКУНАД МОРО ТАБОБАТ



(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).

Ҳангоми фалаҷ

Ҳазориспандро дар оби турб меҷӯшонанд. Сипас обро соф карда, ба он дар ҳамон миқдор равғани зайтун илова мекунанд ва дар оташи паст мечӯшонанд, то об бухор шуда, танҳо равған боқӣ монад. Бояд эҳтиёт шуд, ки равған насӯзад.

Агар инро истеъмол кунанд ё дар ҷойи дардманд моланд, барои бемориҳои майна, фалаҷ, қачшавии рӯй ба як тараф, ларзиш, нотавонии узвҳо, саръ, кашиши пӯст, дардҳои асаб ва ҳатто карахтӣ шифо мебахшад.

Ҳангоми варам кардани забончаи ҳалқум

Агар райҳони кӯҳиро хуб кӯфта, бо асал омехта бихӯранд, ба варами забончаи гулӯ, илтиҳоби шуш, таб, сулфаи тар, инчунин газидани каждум ва дигар ҳашароти заҳрдор шифо мебахшад.

Ҳангоми хафақон

Агар фишори хун каме баланд бошад, ин нороҳатиро лаблабуи сурх (на лаблабуи қандӣ) метавонад бартараф диҳад. Барои ин лаблабуро хуб шуста, пора мекунанд. Баъд то нисфи зарфи 3-литра андохта, аз болояш оби ҷӯши сардшударо то пур шудан илова мекунанд. Инчунин, вобаста ба табъ каме шакар (тақрибан 3 қошуқ) ҳам илова кардан ҳам мумкин аст. Баъд зарфро то туршшавии маҳлул дар ҷои салқин ва торик мегузоранд. Ин раванд 3–5 рӯз давом хоҳад кард.

Баъд аз омода шудани обкома (квас)-и лаблабу, ҳар рӯз пеш аз наҳорӣ 1 пиёла (тақрибан 100–150 мл) ҷуръа-ҷуръа нӯшидан тавсия мешавад. То даме, ки ранг ва таъми он тағйир наёбад, метавон ба зарф боз оби ҷӯши хунукшударо илова кард. Аммо аз ҳад зиёд турш кардани он низ хуб нест. Зеро ба ҷойи обкома нӯшокии ба шароб монанд ҳосил шавад, фоида нахоҳад кард. Танҳо дар ҳолати мунтазам татбиқ кардани ин муолиҷа он натиҷаи хуб медиҳад.

Барои тоза кардани хилтҳо

Марҷумак (гречка) аз моддаи оҳан бой буда, ҳамзамон, баданро аз хилтҳо тоза мекунад. Шабона марҷумакро дар об тар карда мегузоранд. Намак намеандозанд. Субҳ онро каме ҷӯшонида, наҳорӣ мехӯранд. Беҳтар аст бе намак истеъмол шавад. Ин барои занони синну соли гуногун фоидаовар мебошад.

Ҳангоми илтиҳоби кисаи сафро (холецистит)

Аз болои 100 грамм сирпиёзи тоза ва майдашуда ним истикон оби ҷӯш мерезанд. Рӯяшро пӯшида, 5 соат дам медиҳанд. Сипас аз дока мегузаронанд ва дар ҳолати каме гарм менӯшанд.

Ҳангоми паст шудани хотира

Занҷабил, чормағз ва мавизи зарди бетухмро ба миқдори баробар гирифта, бо асал омехта мекунанд ва як ҳафта нигоҳ медоранд. Аз ин омехта ҳангоми сулфа, шамолхӯрии роҳҳои нафас, камқувватӣ ва паст шудани хотира истифода бурдан мумкин аст. Субҳ ва бегоҳ 1 қошуқӣ истеъмол кардан кофист. Ин фаъолияти ақлӣ ва ҷисмонии шахсро беҳтар мекунад.

Ҳангоми газидани каждум

Қоқуро кӯфта, ба ҷои газидаи каждум мебанданд.

Барои рафъи ташнагӣ

Каду барои меъдаи инсон хеле муфид аст. Он яке аз воситаҳои табииест, ки баданро нам нигоҳ медорад ва ташнагиро рафъ мекунад.

Ҳангоми хастагӣ ва стресс

Пӯшида нест, ки буғ гирифтан дар ҳаммоми гарм ё бухорхона (сауна) воситаи босамари рафъи хастагӣ ва стресс ба шумор меравад. Бояд дар ёд дошт, ки ба он ҷо танҳо 3 маротиба ва ҳар дафъа то 10 дақиқа даромадан хуб аст. Зиёд мондан (то ним соат) метавонад ба организм таъсири манфӣ расонад.

(Давом дорад).

Таҳияи **З. ҲАМДАМОВА,**
А. РӮЗИМАТОВ.

ОБУНА – 2027

МАНАМ ДИЛДОДАИ «ОВОЗИ ТОҶИК»...

Таърихи пуршарафи минбари тоҷикон – рӯзномаи «Овози тоҷик» – аз 25 августи соли 1924 дар Самарқанди бостонӣ оғоз мегирад. Нашрия бо ташаббуси равшанфикрон Садриддин Айнӣ, Саидризо Ализода, Абдулқаюм Қурбӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Ҳамза Ҳакимзода, Ҳасан Ирфон ва дигарон таъсис ёфта, ба шарофати ҷоннисорӣ, хидмати содиқона ва беғаразонаи онҳо мавриди тавоҷҷуҳу эҳтироми аҳли фарҳангу ҳунар қарор гирифтааст.



Муҳсин Умарзода, Ҷонибек Қувноқ, Раҳматҷон Норов, Қамариддин Шамсиев, Хӯҷамурод Қӯлдошев ва дигарон бисёр чизҳоро омӯхтаам. Баъдан, бо амри тақдир дар ноҳияи Бӯстонлиқ ба ҳайси омӯзгор ва дар Самарқанд дар вазифаҳои гуногун фаъолият кардам. Аммо меҳру муҳаббати ман ба «Овози тоҷик» самимӣ буд ва хоҳад монд. Ҳоло дар нафақа бошам ҳам, ба ин рӯзнома обуна мешавам ва шуморо низ ба ин иқдом даъват мекунам:

Манам дилдодаи «Овози тоҷик»,
Ҳамон сарқуллаи парвози тоҷик.
Шараф бар қомуси иқболи кишвар,
Ки минбар дод баҳри рози тоҷик.

– Солҳои таҳсил дар мактаби миёнаи рақами 95 (ҳоло мактаби рақами 12-ум, ҳамаи мо ба рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» обуна мешудем, – гуфт корманди илмии шуъбаи вилоятии Академияи Турон Меҳринисо Розиқова. – Аммо намедонам, бо кадом сабаб акнун касе ба «Овози тоҷик» обуна намешавад. Ман аз ин дар ҳайратам.

Вазъи обуна дар дигар мактаб ва гузару маҳаллаҳои вилоят низ чандон хуб нест.

– Дар китобхонаи мо, – иброз дошт мудири Маркази иттилоотию захиравии шаҳраки Гулобод Нилуфар Қаҳҳорова, – беш аз 22 ҳазор нусха адабиёти гуногуни ҷаҳон мавҷуд буда, шумораи аъзои он ба 10 ҳазор нафар мерасад. Мо ба рӯзномаву маҷаллаҳои зиёде обуна ҳастем. Аксарияти хонандагонамон рӯзномаҳои «Овози тоҷик», «Гулобод тонги» ва «Овози Самарқанд»-ро мутолиа мекунанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки мардум ба забони модарӣ таваҷҷуҳ доранд. Пас ба ин нашрияҳои хонданӣ обуна шудани мо ҳам қарзу ҳам фарз аст.

Дар чорабинӣ иштирокдорони дигар низ суханронӣ карда, андешаву мулоҳизаҳои худро дар бораи рӯзномаи «Овози тоҷик» баён доштанд.

– Ман бо хабарнигори рӯзнома барои таблиғи маъракаи обуна ба бисёр корхонаю ташкилот, мактабу муассисаҳои вилояти Самарқанд сафар карда будам, – гуфт муҳаррири калони бахши тоҷикии ширкати телевизион ва радиои вилояти Самарқанд, узви Иттифоқи журналистони Ӯзбекистон Собирҷон Бурҳонов. – Аммо сад афсӯс, ки ваъда ҳасту амал нест.

Умедворем, ки дар маъракаи обунаи соли 2027 соҳибзабонон ба ин масъала таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, барои дастгирии рӯзнома ба он иқдом хоҳанд кард.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.

МАСКАНИ ИЛМ ВА МАОРИФ

Дар ҷаҳони имрӯза, ки пешрафти ҷомеа пеш аз ҳама ба сатҳи дониш, фарҳанг, тафаккури илмӣ ва қобилияти эҷодии инсон вобаста мебошад, рушди низоми маориф аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо кардааст. Ҳар давлате, ки ояндаи худро бо пешрафту ободӣ пайванд додан мехоҳад, бояд ба тарбияи насли донишманд, соҳибмаърифат ва дорои ҷаҳонбинии васеъ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намояд. Дар ин раванд муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ на танҳо маркази тайёр кардани мутахассисон, балки макони ташаккули андешаи мустақил, тарбияи маънавӣ, рушди истеъдод ва омодасозии ҷавонон ба зиндагии мустақилона ба ҳисоб мераванд.



Донишгоҳи давлатии педагогии Чирчиқ низ дар низоми таҳсилоти олии Ӯзбекистон ҳамчун муассисаи дорои самти муҳими иҷтимоӣ ва маърифатӣ ҷойгоҳи худро пайдо кардааст. Фаъолияти он ба тайёр намудани кадрҳои педагогӣ, баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаи касбии ҷавонон, такмили раванди таълиму тарбия ва омода сохтани омӯзгорони ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир нигаронида шудааст.

Номи ин муассисаи таълимӣ худ масъулияти бузургеро ифода мекунад. Зеро омӯзгор шахсест, ки дар ташаккули ҷаҳонбинӣ, ахлоқ, завқи зебоипарастӣ, тафаккур ва муносибати насли наврас ба илму дониш саҳми бевосита мегузорад. Аз ин рӯ, сифати тайёр кардани омӯзгорон ба сифати таълиму тарбия дар мактабҳо ва дар маҷмӯъ ба ояндаи ҷомеа таъсири амиқ мерасонад.

Дар шароити имрӯза масъалаи баланд бардоштани сифати таҳсил, ҷорӣ намудани усулҳои муосири таълим ва омода кардани мутахассисони рақобатпазир яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иҷтимоӣ ба шумор меравад. Тағйироти пайвастаи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз муассисаҳои таҳсилоти олӣ тақозо мекунад, ки фаъолияти худро ба талаботи нав мутобиқ намуда, барои донишҷӯён муҳити мусоиди омӯзиш ва рушди шахсиятро фароҳам ованд.

Фаъолияти донишгоҳ, аз ҷумла марҳалаи ташаккул ва рушди муассиса аз соли 2017, бо равандҳои ислоҳоти соҳаи маориф ва зарурати тайёр намудани кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи замон пайванди ногусастанӣ дорад. Албатта, рушди муассисаи таҳсилоти олӣ танҳо бо бунёди биноҳои таълимӣ ё зиёд намудани шумораи донишҷӯён маҳдуд намешавад. Пешрафти воқеӣ дар он зоҳир мегардад, ки донишҷӯён чӣ гуна дониш мегиранд, то кадом андоза малакаҳои касбӣ пайдо мекунанд, қобилияти андешаронии мустақилонаашон чӣ гуна ташаккул меёбад ва пас аз хатми донишгоҳ то чӣ андоза метавонанд дар ҷомеа мавқеи арзандаи худро пайдо намоянд.

Аз ин ҷиҳат, донишгоҳ бояд ҳамзамон се вазифаи муҳимро иҷро кунад: дониш диҳад, шахсият тарбия намояд ва барои фаъолияти самараноки касбӣ замина гузорад. Маҳз пайванди ин се самт метавонад муассисаи таҳсилоти олиро ба маркази воқеии илм, маърифат ва навоварӣ табдил диҳад.

Имрӯз донишҷӯён метавонанд донишро танҳо аз як манбаъ ба даст наоранд. Китобҳои дарсӣ, адабиёти илмӣ, мақолаҳои соҳавӣ, захираҳои электронии таълимӣ, маводи рақамӣ ва таҷрибаи амалии омӯзгорон барои васеъ намудани доираи ҷаҳонбинии онҳо имкониятҳои зиёд фароҳам меоранд. Муҳим он аст, ки донишҷӯён истифодаи дурусти ин имкониятҳоро омӯзанд ва донишҳои бадастовардаашонро бо масъалаҳои воқеии ҳаёт ва фаъолияти ояндаи касбӣ пайванд диҳанд.

Имкониятҳои фаровони донишандӯзӣ ҳамчунин ба рушди малакаҳои муошират, кор бо иттилоот, истифодаи технологияҳои рақамӣ ва ҳамкорӣ дар гурӯҳ мусоидат мекунанд. Ин малакаҳо дар замоне, ки муносибатҳои иҷтимоӣ ва усулҳои таълим босуръат тағйир меёбанд, аҳаммияти махсус доранд.

Аз ин рӯ, вазифаи донишгоҳ танҳо ба донишҷӯ пешниҳод намудани маълумот нест. Ҳадафи муҳимтар он аст, ки ҷавонон роҳи мустақилона ба даст овардани донишро омӯзанд, манбаъҳои боэътимодро аз маълумоти нодуруст фарқ карда тавонанд ва дар фаъолияти ояндаи худ донишро ҳамчун воситаи асосии ҳалли масъала истифода баранд.

Дар сохтори омодасозии кадрҳои педагогӣ самтҳои таълими томактабӣ ва таълими ибтидоӣ аҳаммияти махсус доранд. Зеро маҳз дар ҳамин зинаҳои таълимӣ асосҳои рушди зеҳнӣ, нутқ, тафаккур, одоб, муносибат ба дониш ва қобилияти муоширати кӯдак ташаккул меёбанд. Тарбиятгарони муассисаҳои томактабӣ дар ҳаёти кӯдак нақши муҳим мебозанд. Онҳо на танҳо ба рушди нутқ, тафаккур ва малакаҳои ибтидоии маърифатӣ мусоидат мекунанд, балки дар ташаккули одатҳои хуб, эҳтиром ба дигарон, риояи қоидаҳо ва бедор намудани шавқу ҳавас бо омӯзиш саҳм мегузоранд.

Маълумоти пешниҳодшуда оид ба шумораи донишҷӯён нишон медиҳад, ки дар самтҳои таҳсилоти томактабӣ ва таҳсилоти ибтидоӣ таълим дар шаклҳои рӯзона ва ғоибона ба роҳ монда шудааст. Тибқи ин маълумот, дар самти таълими томактабӣ 39 нафар дар шакли рӯзона ва 65 нафар дар шакли ғоибона, дар самти таълими ибтидоӣ бошад, 74 нафар дар шакли рӯзона ва 43 нафар дар шакли ғоибона таҳсил мекунанд.

Тибқи маълумоти иловагӣ, имсол ба самти таълими ибтидоӣ 20 нафар ва ба самти таълими томактабӣ 26 нафар қабул шудаанд. Дар маҷмӯъ, шумораи қабулшудагони имсола дар ин ду самт 46 нафарро ташкил медиҳад. Ин рақамҳо на танҳо нишондиҳандаҳои оморӣ, балки ифодагари интихоби касбии ҷавононе мебошанд, ки мехоҳанд фаъолияти ояндаи худро ба таълиму тарбияи насли наврас бахшанд. Албатта, аҳаммияти аслии ин интихоб дар он аст, ки донишҷӯён дар давраи таҳсил донишҳои зарурӣ, малакаҳои амалӣ ва масъулияти баланди касбиро аз худ намоянд.

Муҳим аст, ки омӯзиши фанҳои назариявӣ бо таҷрибаи амалӣ пайванди мустаҳкам дошта бошад. Донишҷӯ бояд тавонад донишҳои педагогӣ ва равоншиносиро дар таҳлили вазъиятҳои таълимӣ истифода барад, хусусиятҳои синнусолии кӯдаконро ба назар гирад ва роҳҳои муносиби самараноки таълимро интихоб намояд.

Дар шароити имрӯза истифодаи усулҳои интерактивӣ, баҳсу мунозира, таҳлили ҳолатҳои мушаххас, иҷрои супоришҳои мустақилона ва лоиҳаҳои гурӯҳӣ метавонад самаранокии раванди таълимро баланд бардорад. Ин усулҳо донишҷӯёнро водор месозанд, ки маводи таълимиро танҳо азёд накунанд, балки мазмуни онро дарк намуда, дар амал истифода баранд.

Дар ин замина, ҳамкории устодону донишҷӯён бояд бар пояи эҳтироми мутақобила, талаби дониш, дастгирии ташаббус ва масъулияти муштарак устувор бошад. Муҳити созандаи донишгоҳӣ метавонад ба ҳар як донишҷӯ барои ошкор намудани қобилият ва муайян кардани роҳи минбаъдаи рушди худ мусоидат намояд.

Имрӯз барои донишҷӯён имкониятҳои гуногуни донишандӯзӣ, рушди қобилият, такмили малакаҳои касбӣ ва шиносоӣ бо дастовардҳои муосири илмӣ аҳаммияти калон доранд. Истифодаи дурусти ин имкониятҳо аз худи ҷавонон меҳнатдӯстӣ, ташаббускорӣ, масъулият ва шавқи доимии омӯзишро талаб мекунад.

Аз ин рӯ, рушди донишгоҳ, беҳтар намудани сифати таҳсилот ва фароҳам овардани шароити мусоид барои донишандӯзии донишҷӯён бояд ҳамчун сармоягузорӣ ба ояндаи ҷомеа арзёбӣ гардад. Зеро дониш чароғи роҳи инсон, омӯзгор роҳнамои наслҳо ва маориф яке аз пояҳои асосии пешрафти давлату миллат мебошад.

Ҳикмат ҲИКМАТОВ,
Беҳзод ХАЙРИДДИНОВ,
устодони ДДПЧ.

Ба муносибати 90-солагии адабиётшинос Аҳмад Абдуллоев

ЭҲЁГАРИ МЕРОСИ АДИБ СОБИРИ ТИРМИЗӢ

Дар осмони пурситораи илму маърифат чеҳраҳои барҷастае ҳастанд, ки тамоми умри худро ба фидокорӣ, шарафмандӣ ва заҳмати содиқона дар роҳи посдории маънавиёти миллат бахшидаанд.

Яке аз чунин донишмандон, ки тамоми ҳаёти пурмазмун, гармии дил ва пажӯҳишҳои пурзаҳмати худро ба ин ҳадафи олӣ бахшида буд, ходими шоистаи илму маорифи ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ва Тоҷикистон, доктори илмҳои филология, профессор Аҳмад Абдуллоев мебошад. Таҳқиқи адабиёти форсу тоҷики асрҳои XI–XII, ки давраи тиллоии шеъри мумтоз маҳсуб меёбад, таҳаввули жанру сабк дар он, эҳё ва пажӯҳиши мероси намоянди барҷастаи ҳавзаи адабии Тирмиз – Адиб Собири Тирмизӣ қуллаи баланду дурахшони корномаи илмии ин олими барҷаста гардид.



Аҳмад Абдуллоев 15 марти соли 1936 дар деҳаи Бибиширини ноҳияи Бойсун дар хонадони мударрис чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Ҳанӯз дар айёми тифлӣ бар сари хонаводаи онҳо озмоиши сангине омад: падари донишманди ӯ, ки илми дар мадрасаҳо андӯхтааш сармояи маънавии мардум буд, қурбони таъқибу табъиди соли 1937 гардид ва соли 1942 дар маҳбаси дурдасти шаҳри Омск аз олам даргузашт.

Аҳмади хурдсол ба шарофати модари фозил ва маърифатпарвараш, ки дар миёни мардум бо номи пурифтихори «Бибиотун» маъруф буд, ҳанӯз аз овони наврасӣ дар рӯҳияи шеъри обдори устод Рӯдакӣ, каломи ҳикматомези Шайх Саъдӣ ва байтҳои малакутии Хоҷа Ҳофиз ба камол расид.

А. Абдуллоев қариб сӣ сол дар Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Тоҷикистон фаъолият намуда, беш аз 400 мақолаи илмӣ-таҳқиқотӣ ва даҳҳо рисолаву китобро ба табъ расонд. Соли 1983 дар мавзӯи «Масъалаҳои жанр ва сабк дар лирикаи форсу тоҷики нимаи аввали асри XI» рисолаи доктории худро дифоъ намуд. Солҳои 1991–1996 дар давраи ноорому пуртаҳлукаи ҷанги шаҳрвандӣ дар вазифаи мудири кафедраи «Забон ва адабиёти тоҷик»-и Донишкадаи кишоварзии Тоҷикистон фаъолият бурд.

Соли 1996 бо даъвати роҳбарияти Донишгоҳи давлатии Тирмиз ба ватани хеш – водии Сурхон баргашта, да донишҷӯёни шуъбаи тозатаъсиси филологияи тоҷики донишгоҳ дарс гуфт.

Гарчанде аксари таҳқиқоти ин донишманд ба масъалаҳои адабиёти асрҳои XI-XII марбут буда, дар адабиётшиносии тоҷик устодро маҳз ба ҳайси муҳаққиқи забардасти ҳамин марҳилаҳои адабӣ эътироф мекунанд, назаре ба осори илмии ӯ собит месозад, ки доираи таваҷҷуҳу рағбати илмии вай ниҳоят фарох буда, аз Устод Рӯдакӣ то ҷараёнҳои шеъри муосири тоҷику ӯзбекро фаро мегирад.

Мақолаҳои сершумори олим, аз қабили «Аз таърихи таъсир ва эътибори Рӯдакӣ» («Садои Шарқ», 1972, № 9), «Мактаби устод» («Садои Шарқ», 1974, № 9), «Сабақи Рӯдакӣ» («Садои Шарқ», № 9), «Рӯдакӣ, Унсурӣ ва Фаррухӣ» («Маориф ва маданият», 29.08.1978), «Рӯдакӣ ва Қатрон» («Адабиёт ва санъат», 15.09.1988), «Рӯдакӣ косиб ҳам буд» («Комсомоли Тоҷикистон», 06.04.1988), «Маонии дақиқ» («Тоҷикистони Советӣ», 10.03.1985), «Ғаразгӯёни Рӯдакӣ ва Навоӣ» («Овози тоҷик», 16.10.2002), «Рӯдакии сонӣ» («Тафаккур», Тошканд, 2002, № 4), «Рӯдакӣ ва Навоӣ – хатҳои сарнавишт» (маҷмӯаи «Алишер Навоӣ ва адабиёти форсу тоҷик», Тошканд) ва дигар навиштаҳои ӯ маҳз ба масъалаҳои таъсирпазирии шоирони давраҳои баъдӣ аз эҷодиёти Одамушшуаро ва идомаи суннатҳои сабки хуросонӣ ё худ «шеъри рӯдакивор» дар Мовароуннаҳру Хуросон бахшида шудаанд.

Дар адабиётшиносии тоҷик Абдуллоевро пеш аз ҳама ба ҳайси пажӯҳишгари забардасти адабиёти асрҳои XI-XII мешиносанд, зеро бахши аъзами пажӯҳишҳои ин олим ба ҳамин марҳилаи пурбори адабиёти ҷаҳонии форсу тоҷик ихтисос ёфтааст. Монографияҳои илмии профессор А. Абдуллоев, аз қабили «Адиб Собири Тирмизӣ» (1969), «Заҳирии Форобӣ» (1974), «Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи аввали асри XI» (1979) ва «Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дувуми асри XI ва аввали асри XII» (дар ҳаммуаллифӣ бо С. Саъдиев, 1986) на танҳо дар омӯзиши рӯзгору осори суханварон, балки дар муайян кардани сабки фардии шеъри онҳо, хусусиятҳои бадеӣ ва кашфи равияву тамоюлҳои адабии он давра пажӯҳишҳои бунёдӣ маҳсуб меёбанд.

Девони ашъори мунтахаби Адиб Собири Тирмизиро солҳое 1965 ва 1981 бо сарсухану тавзеҳоти мукаммал ба табъ расонд ва соли 1983 очерки илмию адабии «Адиб Собири Тирмизӣ»-ро эҷод кард, ки ҳамчун намунаи олии насри илмию бадеӣ шуҳрат ёфт.

Дар Ӯзбекистон фаъолияти илмӣ-эҷодии А. Абдуллоев бо ду забон пеш бурда шуд. Олим бахшида ба фаъолияти шахсиятҳои гуногуни адабиёти форсу тоҷик ва ӯзбек ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ мақолаҳои сершумор навишт, ки дар матбуот ба таври густурда интишор ёфтанд. Аз ҷумла: «Мирзо Улуғбек ва адабиёти форсу тоҷик» («Сино», Тошканд-Техрон, 2008, № 30); «Ифшои фитнаангезон дар қасидаи «Ёз»-и Навоӣ: ҳамоҳангии тасвири табиат ва оҳангҳои иҷтимоӣ» («Ӯзбек тили ва адабиёти», Тошканд, 2008, № 1); «Рӯдакӣ ва ғаразгӯёни Навоӣ: ғаними эҷодиёти Рӯдакӣ ва Навоӣ» («Ҷайҳун», Тирмиз, 2008, № 1); «Сарчашмаи муҳим оид ба тасаввуф» («Ӯзбек тили ва адабиёти», Тошканд, 2008, № 6); «Шоир Анварӣ ва Тирмиз» («Лавҳаҳо аз таърихи Тирмиз», Тошканд: маҷаллаи «Санъат», 2008) ва махсусан китоби арзишманди «Навоий ҳақида йигирма икки мақола» (Тошканд, 2011) ба таҳлили масъалаҳои гуногуни адабиёти классикии тоҷику ӯзбек ихтисос ёфтаанд.

Имрӯзҳо аксарияти устодоне, ки дар кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқ кору фаъолият мекунанд, шогирдони бевоситаи устод мебошанд ва аз эшон дарси илму адаб омӯхтаанд. Мо бо шогирдон дар якҷоягӣ барои дар сатҳи баланд ва пурмуҳтаво баргузор намудани конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ омодагии ҷиддӣ дидем. Аз ҷумлаи корҳои муҳиме, ки ба анҷом расонидем, бознашри китоби очерки илмию адабии «Адиб Собири Тирмизӣ» мебошад, ки он бори аввал ба забони ӯзбекӣ низ тарҷума ва барои хонандагон омода карда шуд. Илова бар ин, «Девони Адиб Собири Тирмизӣ», ки шеъри равону ҷаззоби ӯ аксари донишмандони адабиёти форсиро мафтун сохтааст ва ду дафъа аз тарафи Аҳмад Абдуллоев дар шакли «Осори мунтахаб» дар Тоҷикистон ва ҳамчунин бо хуруфи ниёгон дар Эрон нашр шудааст. Мо низ дар навбати худ ба ифтихори 950-солагии Адиб Собири Тирмизӣ ва 90-солагии Аҳмад Абдуллоев ашъори мунтахаби Адиб Собирро ба ду забон – матни аслии тоҷикӣ ва тарҷумаи бадеии он ба забони ӯзбекӣ (дар тарҷумаи Чустӣ ва Ҷамол Камол) барои хонандагони имрӯз бознашр намудем, то туҳфаи арзандае барои мардумони дӯсту бародари тоҷику ӯзбек ва ёдбуди ҷовидонае барои рӯҳи поки устоди бузургвор бошад.

Рӯҳи устоди азиз шод ва чароғи маърифаташон дар дилу дидаи шогирдону ихлосмандон ҳамеша фурӯзон бод.

Рамазон АБДУЛЛОЕВ,
и.в. профессори Донишгоҳи давлатии Тирмиз,
раиси Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони вилояти Сурхондарё.

Китобиёт

ПАЁМИ НЕКИВУ ОБОДӢ

Мехоҳам дар бораи китоби нави ҳикояҳои эҷодкор Нарзипӯлод Саидова таҳти унвони «Дуои замин» чанд сухан бигӯям.

Аз рӯйи муҳтавои китоб метавон хулоса кард, ки дар он ҳикояҳои ҷолибу пурмазмун ва ибратомӯз гирд оварда шудаанд. Ҳикояҳо хонандаро ба андеша кардан, аз рафтору кирдори қаҳрамонон ибрат гирифтан ва хулосаи зарурӣ баровардан водор месозанд.

Китоб дар нашриёти «Фан ёғдуси»-и шаҳри Тошканд бо теъдоди 1000 нусха ба табъ расидааст. Он бо забони содаву фаҳмо ва равон барои кӯдакони хурдсол пешкаш шудааст. Мавзуъҳои ҳикояҳо хонандагони хурдсолро ба тозагӣ, ободонӣ, дӯст доштани табиат ва дарки масъулияти инсон дар назди муҳити зист водор мекунанд. Ҳамзамон дар тарбияи насли наврас дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ, покизагӣ ва ғамхорӣ нисбат ба атрофиён аҳаммияти хос дорад.

Азбаски китоб барои кӯдакони хурдсол пешбинӣ шудааст, хостам онро ҳамроҳи фарзандонам мутолиа кунам ва тавассути ҳикояҳои он дар қалби онҳо ҳисси меҳру муҳаббат, эҳтиром ва ғамхориро нисбат ба атрофиён ҷогузин кунам.

Ҳикояҳои «Насиҳат», «Дуои замин», «Ибрат», «Як даҳон раҳмат канӣ» ва амсоли инҳо дорои мазмуни тарбиявӣ буда, ба кӯдакон қадр кардани ризқу рӯзӣ, эҳтиром ба неъматҳои зиндагӣ ва ҳурмат намудани меҳнати калонсолонро меомӯзонанд. Чунин ҳикояҳо ба дили кӯдак роҳ ёфта, дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва ахлоқи неки ӯ нақши муҳим мегузоранд.

Умедворем, ки маҷмӯаи ҳикояҳои «Дуои замин» ҳамчун китоби тарбиявӣ мавриди таваҷҷуҳи хонандагони хурдсол қарор гирифта, дар роҳи ташаккули шахсияти онҳо ва интихоби роҳи дурусти зиндагӣ нақши арзанда мегузорад.



Шоҳсанам ЙӮЛДОШЕВА.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1128.
Адади нашр 2033. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор: Г. Кабирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 01.00

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.